По оценкам специалистов Всемирной туристической организации (ВТО), потенциальные возможности Таджикистана позволяют при соответствующем уровне развития туристской инфраструктуры принимать до 1 млн. иностранных туристов в год. Однако в настоящее время, по существующим официальным данным, количество приезжающих с деловыми, туристскими и частными целями в 2017 году составило 431 тыс. туристов (см. рис. 5).

Как следует из нижепиведенного рисунка, позитивные изменения отмечаются лишь с 2015 года, когда по мере стабилизации экономики страны стали расти статистические показатели в сфере туризма. По этим же данным в 2015 году нашу страну посетили 413 тысяч иностранных граждан из более 80 стран мира, что почти в два раза больше предыдущего периода. Хотя в 2016 году общее количество туристов на 17,7 % уменьшилось, но в 2017 году этот показатель увеличился по сравнению с 2016 годом на 87 тыс. человек или чем на более 25 %.

В следующей приведенной диаграмме попытаемся анализировать этот же показатель по ГБАО, т.е. количество иностранных туристов, которые были зарегистрированы в информационном центре Памирской Эко-культурной туристической ассоциации (ПЭКТА) города Хорога за период с 2012 по 2017 гг. (рис. 6).

Из приведенной диаграммы можно сделать вывод, что большинство туристов предпочитают посещать ГБАО в период с июня по октябрь месяцы. Это, в основном, категория экотуристов, которые отдают предпочтение знакомству с дикой природой, а также культурой, бытом и жизнью местного населения - их больше всего было в августе 2017 года (295 человек).




Рисунок 5. Численность иностранных граждан, въехавших в Таджикистан как туристы по данным пограничных войск, тыс. человек.




Рисунок 6. Число иностранных туристов зарегистрированных в информационном центре ПЭКТА г. Хорога за период 2012- 2017 гг.

Проведенный нами анализ показывает, что уменьшение количества туристов в 2016 году было связано с нестабильной политической ситуацией на границе с Афганистаном и неверной информацией СМИ о создавшемся положении в ГБАО.

Наши исследования показывают, что основной проблемой в развитии туристско-рекреационного комплекса является проблема сезонности, которая влияет на структуру занятости работников в туристской сфере. Здесь можно перечислеть сложности, которые характерны проблеме сезонности:

- неполная занятость работников сферы туризма;
- низкий уровень квалификации персонала;
- значительный удельный вес женского труда и др.

Устойчивое развитие туризма на территории ГБАО может оказать значительное влияние на решение проблемы занятости населении. Управление экологическим туризмом дольжно регулировать отношения человека с природной средой с использованием биологических ресурсов, некоммерческих структур, создавать полноценные и постоянно функциональные условия для

реализации отдыха в экологических интересах, при этом может регулировать его воздействие на природную среду.

Устойчивое налаживание экологического туризма сейчас, когда в регион будут приезжать туристы и интересоваться историческими объектами, создаст условия для более активного участия местного населения в решении существующих проблем данной сферы. Так, население, понимая, какую ценность представляют из себя местные достопримечательности и ожидая получаемые доходы, будет заинтересовано в охране природы, окружающей среды и особо охраняемых природных территорий ГБАО.

В современных условиях глобальные геоэкологические проблемы затрагивают различные стороны жизни человеческого общества и потому требуют комплексного подхода и всестороннего изучения. В настоящее время нет необходимости доказывать остроту, масштабность и, тем самым, опасность сложившейся в мире экологической ситуации. В деле решения экологических проблем важная роль принадлежит экологическому туризму. В туристической индустрии развитых и, особенно, развивающихся стран мира, экологический туризм играет все более значимую роль не только как средство сохранения окружающей среды, но и как средство снижения уровня бедности.

Республика Таджикистан относится к числу стран, которые еще не полностью выработали свое отношение к экотуризму. Возможно, это связано с неоднозначностью и противоречивостью самого явления, ведь, с одной стороны, экотуризм позволяет привлечь средства на природоохранные мероприятия и на повышение занятости населения, а с другой стороны, привлекая все большее количество туристов, труднее становятся контролировать негативные нагрузки на горные экосистемы и воздействие на традиционный уклад жизни местного населения.

Историческим событием в развитии страны явился ввод в мае 2004 года в эксплуатацию автодороги Мургаб-Кульма-Каракорум, соединяющей Таджикистан с Китаем. Это положительным образом сказалось на развитии экономики ГБАО и привело к включению Таджикистана в сеть Великого международного туристического Шелкового Пути (ВМТШП).

Сегодня, после более чем 70 лет, ГБАО открыла свои двери иностранным туристам, и для устойчивого развития экологического туризма нужна тщательно продуманная стратегия. Опыт развития туризма в сопредельных территориях показывает, что при массовом потоке туристов и рациональном их использовании можно легко развивать экономику края и повышать благосостояние местного населения. Туристы - это ученые, инженеры, архитекторы, политики, медработники и люди других специальностей. Немало случаев, когда в результате именно туризма многие проекты нашли своих партнеров, объекты – своих спонсоров, а регион – имидж на международной арене.

Как было отмечено выше, природа Памира во многих отношениях уникальна. Здесь существует много мест, куда еще до сих пор не ступала нога человека. Поэтому сегодня выгодно организовать и развивать туристическое

дело на Памире таким образом, чтобы оно имело не только экономический, но и экологический характер: максимально увеличить доход, получаемый от туристов, при этом предотвращая долговременный ущерб, наносимый окружающей среде и культуре местного населения. Тем не менее, к настоящему времени в силу ряда объективных и субъективных обстоятельств экологический туризм, как, впрочем, и другие разновидности туризма, не может отвечать вышеуказанным требованиям.

В нынешнее время на территории ГБАО имеет место спонтанное развитие туризма, в том числе экологического. Хотя сущности и принципы его организации мало изучены. Здесь этот вид деятельности рассматривается как источник дополнительного дохода, без учёта негативных последствий такого рода деятельности. При эффективном использовании территории Памира в целях туризма можно получить намного больший доход, чем при использовании этой же территории в сельском хозяйстве или же для промышленного развития.

Следует отметить, что к настоящему времени проблемы развития экотуризма как в целом по Республике Таджикистан, так и в отдельных регионах пока еще мало исследованы. В достаточной степени еще не сформированы политика и другие единые организационные подходы к развитию этой отрасли. Поэтому отмечаются большие разногласия в практике организации экотуристской деятельности. Это в полной мере касается территория ГБАО, где располагаются значительные природные и культурно-исторические туристские ресурсы. В местах массового посещения туристов необходимо наличие гостиничных хозяйств и гостевых домиков, развитие дополнительных видов обслуживания, торговли, питания, наличие всех видов наземных транспортных средств, необходимых для качественного проведения экотуристических походов.

## ЗАКЛЮЧЕНИЕ

Современные концепции развития экологического туризма основываются на устойчивом развитии региона, что достигается путем поддержания баланса между экономическими, социальными и экологическими интересами. Практика жизнедеятельности человечества на стыке XX-XXI вв. убедительно доказывает, что уничтожение генофонда природы и культуры народов, способно привести к деградации как природы, так и культуры и приобретает угрожающий характер.

В существующей ситуации освоение культурного и природного наследия является важным фактором не только сохранения живой природы, но и благоприятного влияния на развитие экономики региона, тем самым способствуя объединению народов, различных культур и этнических групп. Поэтому устойчивое развитие экологического туризма путем соблюдения максимального сохранения и освоения природного и культурного наследия региона и народностей всех этнических групп является первостепенной задачей развития экологического туризма на Памире [4-А].

В этом отношении вопрос сохранения природы рассматривается с более широкой и экономически реалистичной точки зрения, целью которой является не

только получение экономической выгоды, но и защита и сохранение окружающей природной среды.

После развала Советского Союза и гражданской войны в Республике Таджикистан в ГБАО произошли глубокие социальные, экономические и политические изменения. В таких условиях при устойчивом развитии экотуризма больше внимания необходимо уделять рассмотрению различных потребностей местных общин и развитию национальной экономики, и получению от этой деятельности потенциальной выгоды путем устойчивого развития экологического туризма, которое является важным вкладом в экономику страны [2-А].

Мы полагаем, что для устойчивого налаживания экотуристической деятельности на Памире необходимо совместно с учеными и заинтересованными людьми разработать долгосрочную стратегию с тем, чтобы гарантировать необходимую форму сотрудничества для успешного выполнения этой стратегии. Это способствует возрастающему пониманию ценности уникальной природы таджикских гор как неоценимого наследия прошлого, которое должно быть сохранено для будущих поколений.

Природа Памира в силу ландшафтной дифференциации и зональной высотности территории, аридности и резкой континентальности климата, богатого биологического разнообразия, социально-историко-этнографических особенностей имеет уникальные экотуристические ресурсы для устойчивого развития туристической отрасли.

Особенностью организации экотуризма в этом горном регионе является то, что горные ландшафты, особенно восточной части Памира, которые характеризуются малоблагоприятными климатическими условиями, отличаются и слабой туристической инфраструктурой, а некоторые места – неблагоприятной транспортной доступностью. Поэтому для устойчивого развития экологического туризма в таких местах необходимо разработать рекомендации и издать брошюры по кратковременным маршрутам [3-А].

С учетом уникальности природы и интереса туристов нами выделены 6 экотуристических районов. Устойчивое развитие экотуризма в этих местах может стать, доходной отраслью экономики, обеспечивая сбыт продукции местных промыслов и создание дополнительных рабочих мест. Тем не менее, сегодня развитие туризма в этом регионе переживает не самые благоприятные времена. Несмотря на серьезное внимание государства к этой отрасли, сегодня в сфере туризма работают только представители малого бизнеса. Большие препятствия развитию туризма оказывает нехватка квалифицированных специалистов в сфере туризма [12-А].

Анализ процессов становления и развития экологического туризма на Памире позволяет сделать вывод о том, что в этом уникальном горном регионе Таджикистана, богатом экотуристическими ресурсами, огромной окультуренной ландшафтной территорией, экотуризм делает лишь первые шаги.

Наличие на территории ГБАО горных экосистем как образца мирового природного наследия, нетронутых участков местности горных и высокогорных пустынь, крупнейших ледников, горных озер, целебных

минеральных и геотермальных источников, многочисленных горных рек, охраняемых природных территорий, пограничная близость ГБАО с Афганистаном, Китаем и Кыргызстаном, развивающаяся транспортная сеть, аэропорты, системы связи, широкая сеть краеведческих, этнографических, исторических, природоведческих музеев, театров, библиотек, научных и учебных заведений, памятников архитектурного наследия и других подобные факторы являются благоприятными для развития экологического туризма на Памире, который может стать ведущей отраслью экономики региона [11-А].

Главным доводом для развития экотуризма на Памире является то, что этот вид деятельности представляет собой не только активную форму отдыха на природе, но и способ массового приобщения людей к ценностям природного и культурного наследия, к проблемам бережного отношения к нему и его сохранности для нынешнего и будущего поколений [4-А].

В ходе исследования вопросов по организации экологического туризма выявлено также множество проблем, препятствующих успешному развитию данной отрасли. В каждом выделенном экотуритскском районе существуют присущие только ему особенности: экологические, географические, климатические условия местности, высотные факторы, наличие ресурсов, особенности этнической самобытности отдельных групп и уровень деловой активности населения и т.д. [12-А].

Таким образом, можно сделать вывод, что в горных регионах Таджикистана успешность развития отрасли носит ярко выраженный региональный характер. Накопленный опыт организации экотуризма на Памире, и разработка его перспектив нуждаются в научном обобщении. Поэтому для успешного развития экотуризма необходимо внедрение новых прогрессивных форм управления отраслью, в основе которых должно лежать научно обоснованное формирование системы регулирования и оценки туристского потенциала отдельных горных регионов республики. Набор оптимальных принципов, необходим для применения в каждом конкретном экорайоне, правильно прогнозирование воздействия экотуризма на природную и культурную среду и последствий, которым они могут привести.

## Рекомендации для практического применения результатов

Теоретическое и аналитическое обобщение данных по развитию проблемы развития экотуризма на территории ГБАО РТ позволили сделать следующие выводы и рекомендации в адрес науки и социально-культурной практики.

1. В настоящее время с территории ГБАО сняты ограничения для въезда туристов, построены новые и реконструированы старые автомобильные дороги. Открыты государственные границы с Китаем и Афганистаном, возникли объективные предпосылки для развития в регионе туристической отрасли, в частности, экотуризма, как перспективного направления отрасли, источника экспорта туристических продуктов, повышения занятости населения и валютных поступлений на основе использования определенного потенциала природно-рекреационных условий и ресурсов.

2. Сдерживающим фактором для развития экотуризма на Памире является неразвитость туристской инфраструктуры, отсутствие современной высокоэффективной туристской индустрии, обеспечивающей широкие возможности для приобщения людей к природе и культурному наследию, тем самым в определенной степени способной решить вопросы занятости населения и оказать стимулирующее влияние на развитие экономики страны.

3. Для совершенствования, расширения, освоения и рационального использования природы Памира нами проведено районирование территории на 6 экотуристских районов: Северо-Бадахшанский; Южно-Бадахшанский; Центрально-Бадахшанский; Вахано-Ишкашимский; Центрально-Памирский; Восточно-Памирский. Для каждого экотуристского района нами перечислены природные или антропогенные объекты, которые потенциально можно использовать при экотуристской деятельности[12-А].

4. В ГБАО находится значительный потенциал трудоспособного населения. Устойчивое развитие экотуризма может стать фактором снижения уровня безработицы. Механизмом повышения уровня занятости может стать формирование малых и средних предприятий-туроператоров в сфере экотуризма.

5. Наибольший экономический эффект от развития экотуризма достигается за счёт реконструкции старых и постройки новых гостиниц (с учетом геоэкологии и местной архитектуры) и умелого налаживания оказания услуг и обслуживания. Создание ассоциации гостиничных туристских предприятий на Памире станет фактором формирования цивилизованного гостиничного бизнеса.

6. Роль экотуризма в природопользовании и в целом в экономике ГБАО многогранна. В зависимости от того, как ведутся работы в экотуристическом бизнесе, последствия могут быть как положительным, так и отрицательным. Повышение роли экотуризма в деле устойчивого природопользования и в экономике страны в перспективе связано с разработкой и реализацией научно-обоснованной стратегии развития туризма в регионе. Подходы должны быть комплексными, включая и социокультурные аспекты его развития и размещения. При этом необходимо учитывать не только экономические, но и геоэкологические последствия. Для сохранения природно-экологического равновесия должны использоваться экономические механизмы.

7. Существующая на Восточном Памире негативная тенденция чрезмерного развития охоты приводит к резкому сокращению многих редких и исчезающих видов животных. Поэтому возникает острая необходимость ужесточения правил коммерческой организации охоты на диких животных, вплоть до полного запрета охоты на некоторые виды.

8. Для эффективности развития отрасли необходимо при областном комитете по туризму создать центр по маркетингу, планированию и продвижению экотуризма на Памире. В функции этого центра также необходимо вменить регулярное проведение соцопросов и анкетирования, обеспечивающих обратную связь с туристами.

9. Государственным органам как на местах, так и в центре целесообразно было бы разработать единую стратегию развития экотуризма, которая способствует привлечению туристов и увеличению капиталовложения в отрасли.

10. Необходимо разрешить ограниченный и тщательно регламентированный экотуризм в пределах природоохранных территорий ГБАО с учетом их размеров, специфики и традиций, что намного поднимет их престиж не только в пределах республики, но и далеко за ее пределами, тем самым способствуя укреплению материально-технического положения этих учреждений и, соответственно, расширению природоохранных мероприятий. Такие мероприятия также способствуют стимулированию местного населения на формирование семейного бизнеса в своих частных владениях, например, частных хостелов или мест общественного питания.

11. В системе высшего и среднего образования горных регионов республики целесообразно введение новой дисциплины — «Экология культуры» той или иной местности.

## III. СПИСОК ОПУБЛИКОВАНЫХ РАБОТ АВТОРА

### А). В рецензируемых журналах ВАК при Президенте Республики Таджикистан

[1-А]. Карамхудоев, Х.Е. Проблемы развития экотуризма на особо охраняемых природных территориях Таджикистана // Х.Е. Карамхудоев, Х. Сатторова, А.А. Мамадризохонов / Вестник ТГПУ им. С.Айни, №2(38). - Душанбе, 2011. - С.150-153.

[2-А]. Карамхудоев, Х.Е. Формирование и развитие туризма на основе использования природно-рекреационного потенциала горных регионов Таджикистана. // Х.Е. Карамхудоев/ Вестник Таджикского Национального Университета. №1(65) - Душанбе, 2011. - С.139-142

[3-А]. Карамхудоев, Х.Е. Экологический туризм как фактор приобщения людей к ценностям природного и культурного наследия. / Х.Е., Карамхудоев // Вестник ТТУ им. М.Осими, №1(13). - Душанбе, 2011. – С.99-103.

[4-А]. Карамхудоев, Х.Е. Особенности развития экологического туризма на территории Таджикского национального парка /Х.Е. Карамхудоев, Б.И. Руштов// Известия Академии наук. Серия общественных наук. №4 (008). - Душанбе, 2019 - С.31-36.

### в других изданиях

[5-А]. Карамхудоев, Х.Е. Степень утилизации горных экосистем для развития туризма / АА. Мамадризохонов., Х.Е. Карамхудоев М. Шодибек // Материалы международного симпозиума памяти «80 лет Германо-Российской и Памира-Алайской экспедиции». - Душанбе, 2008. - С.97-98.

[6-А]. Карамхудоев, Х.Е., Эколого-экономические аспекты развития экотуризма на Памире. / Х.Е, Карамхудоев., Р.М. Назарбекова., А.А, Мамадризохонов // Материалы V-ой международной научно – практической конференции. «Перспективы применения инновационных технологий и усовершенствования технического образования в

высших учебных заведениях стран СНГ». Ч 2, ТТУ им.М.Осими. - Душанбе, 2011. -С. 375- 378.

[7-А]. Карамхудоев, Х.Е. Баъзе хусусиятҳои рушди экотуризм дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон / А.А. Мамадризохонов, Х.Е.Карамхудоев, Ш.Д.Гадоев, Р.М. Назарбекова // Маводхои конфронси байналмиллали «Мушкилоти экологӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ». - Данғара, 2015 - С.109-111.

[8-А]. Карамхудоев, Х.Е. Баҳисобгирии захираҳои табии-сайёҳи ва нақши он дар рушди самараноки фаъолияти экотуристӣ / Х.Е. Карамхудоев Р.М.Назарбекова, А.А. Мамадризохонов // Маводхои конфронси байналмиллали «Мушкилоти экологӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ». - Данғара, 2015 - С.106-109.

[9-А]. Карамхудоев, Х.Е. Туризми экологӣ ва нақши он дар ҳифзи мувозинаи экологии табии кишвар / А.А.Мамадризохонов, Х.Е.Карамхудоев, Ш.Д.Гадоев, З.Р. Рақамова // Маводи конференсияи байналхалқии илмию назариявӣ дар мавзӯи "Мушкилоти экологӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ" - Данғара, 2015 – С.111-115.

[10-А]. Карамхудоев, Х.Е. Оценка развития экологического туризма в условиях ГБАО. / Х.Е. Карамхудоев // Вестник Хорогского государственного университета. №2 (3) – Хорог, 2015. - С.74-76.

[11-А]. Карамхудоев, Х.Е. Масъалаи таъмини ҷобаҷокунии сайёҳон ҳангоми рушди самараноки экотуризм /А.А.Мамадризохнов, Р.М.Назарбекова, Х.Е. Карамхудоев, С.Х.Давлатбекова // Маводи конфренсияи илми амали дар мавзӯи «Муҳимияти рушди туризми дохили» ДДОТ ба номи С.Айни. Душанбе, 2017- С.30-35

[12-А]. Карамхудоев, Х.Е. Экотуристические районирование территории ГБАО / Х.Е.Карамхудоев, Б.А.Алидодов // Научный журнал. Наука и инновация. ТНУ, №1 - Душанбе,2020 – С. 52- 59

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ БА НОМИ**
**МОЁНШО НАЗАРШОЕВ**

**УДК 33:796.51(575.2)(043.3)**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**Карамхудоев Халим Елчибекович**

# ШАРОИТҲОИ ГЕОЭКОЛОГӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ТУРИЗМИ ЭКОЛОГӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ КӮҲИСТОН (ДАР МИСОЛИ ВМКБ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

Автореферати
диссертатсия барои дарёфти унвони илмии
номзади илмҳои география аз рӯйи ихтисоси
25.00.36 –Геоэкология

Душанбе, соли 2021

Диссертатсия дар кафедраи биоэкология ва туризми Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Мамадризохонов Акбар Алихонович,** доктори илмҳои биологӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев |
| **Мушовири илмӣ:** | **Алидодов Бахшидод Алидодович,** номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсенти факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Муҳаббатов Холназар Муҳаббатович,** доктори илмҳои география, профессори факултети географияи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айни<br>**Саидова Дилором Насимовна,** номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсенти факултети геоэкологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 9 апрели соли 2021 соати 10:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-053 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, воқеъ дар суроғаи 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 (e-mail: thu@mail.tj) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон воқеъ дар суроғаи 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17 (e-mail: thu@mail.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат санаи «____» ____________ с. 2021 фиристода шуд.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ, н.и.г.-м. Андамов Р.Ш.

## МУҚАДДИМА

**Муҳимияти мавзуъи таҳқиқот.** Омӯзиши масъалаҳои рушди сайеҳии экологӣ дар айни замон як самти афзалиятноки илми география дар робита бо рушди сайеҳӣ дар ҷаҳони муосир ва раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад. Хусусан ин масъала барои минтақаҳои кӯҳистон муҳим мебошад, зеро аз рӯи маълумоти СММ аз даҳ як ҳиссаи аҳолии ҷаҳон, маҳз дар минтақаҳои куҳистон истиқомат мекунанд.

Баланкуҳи Помир, ки онро "Боми ҷаҳон" низ меноманд асрҳои зиёд боз бо шароитҳои табиию экологӣ бо захираҳои сайёҳиашон бисёр олимон, табиатшиносон ва намояндагони дигар касбу корро ҷалб менамояд. Аз ҷиҳати нерӯи бойи туристӣ Помиро дуюмин Швейтсария меноманд. Помир дорои захираҳои бузурги табиӣ, таърихию фарҳангӣ буда ба ӯ имконияти рушди зиёда аз 30 намуди самтҳои туристӣ ререкатсионӣ медиҳад.

Дар солҳои охир сайеҳӣ хусусияти оммави пайдо карда, дар натиҷаи рушди он ба таври назаррас ба захираҳои табиӣ, таърихию-фарҳангӣ ва экологию туристӣ таъсири калон расонида мешавад. Аз ин рӯ имрӯз яке аз вазифаҳои афзалиятноки ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти кишвар ин усулҳои инноватсиони рушди туризм мебошанд, ки дар амалияи ташкили сайёҳӣ шаклҳои нав ворид мегарданд, ки ин мувофиқи мақсад буда дар асосии он истифодаи экосистемаҳои табиӣ дар ҳолати ҳифз қарор дода мешаванд.

Бо назардошти афзоиши талаботи ҷаҳонӣ ба хадамоти сайёҳӣ, ҷолибияти баланди минтақаҳои кӯҳӣ ва беҳамтоии мероси табиию таърихии тоҷикони кӯҳистон, бахусус Бадахшон, ташаккул ва рушди устувори туризми экологӣ метавонад ба яке аз соҳаҳои сердаромади иқтисоди ҷумҳурӣ табдил ёбад ва на танҳо даромади асъори хориҷиро таъмин мекунад, балки ба шуғли аҳолӣ низ мусоидат менамояд. Омӯзиши зарифияти сайёҳии кишвар ва махсусан минтақаҳои кӯҳистони он имкон медиҳад, ки дар бораи имкониятҳои сайёҳӣ ва рекреатсионии Тоҷикистон маълумоти пурра гирифта шавад. Умуман ин омилҳо метавонанд асос барои фароҳам овардани шароити рушди босуръати туризм дар саросари Тоҷикистон гарданд.

**Дараҷаи коркарди мушкилоти илмӣ.** Ҷанбаҳои гуногуни туризм, алахусус туризми экологӣ, дар асарҳои як қатор олимони ватанию хориҷӣ баррасӣ шудаанд. Усули консептуалӣ оид ба ҳалли масъалаҳои туризми экологӣ дар асарҳои бисёр олимон ва мутахассисони машҳур, асосан Русия ва дигар кишварҳои ИДМ ҳаллу фасл карда шудааст. Оиди ин масъала корҳои илмӣ аз ҷониби олимони зерин аз қабили А.Г. Низомиев, А.В. Дроздов, А.Н.Дунетс, Б.У.Турдумамбетов, В.В.Храбовченко, В.Т.Архипенко, К.А.Атышов, И.Н. Панов, А.Б. Косолапова, Н.В. Моралева, Е.Ю. Ледовских, И.И. Пирожник, Л.Ю. Мазхар, В.П.Чижова, Т.В. Бочкарева, В.Б Степанитский ва дигарон кор карда бароварда шудааст.

Дар байни олимони ватанӣ, ки мушкилоти рушди туризм ва фаъолиятҳои рекреатсиоии қаламрави Тоҷикистонро омӯхтаанд, метавон номҳои Х.А. Аброров,

Р.Д. Диловаров, П.Д. Ҷабаров, Ҷ.Н. Ёров, М.И.Қодирова, Е.Қурбоншо, У.И.Муртазоев, Ҳ.М.Мӯҳаббатов, Н.В.Пивоварова, М.С.Собиров ва дигаронро номбар кард.

Рушди саноати сайёҳӣ дар минтақаи мавриди баррасӣ қарордошта аз тарафи олимон А.А. Мамадризохонов, О.А. Ақназаров, С.А. Беҳешти, коркард шудаанд.

Инчунин З.М. Давлатшоева оиди самаранокии соҳаи кишоварзӣ дар мавзӯи агротуризм таҳқиқот бурдааст. Мутаассифона, норасоии маводҳои илмӣ, тибқи арзёбии географию экологӣ аз имкониятҳои сайёҳӣ рекреатсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсус ВМКБ, ки ба баланд бардоштани зарфияти иҷтимоию иқтисодии онҳо нигаронида шудаанд, боиси он гардидааст, ки иқтидорҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ ин минтақа ба қадри кофӣ истифода намешавад.

Ҳамзамон, масъалаҳои ташаккул ва рушди туризми экологӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақаи кӯҳистон будани объекти таҳқиқот ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд, ки аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро дар рушди сайёҳии экологӣ дар маҷмӯъ барои Тоҷикистон ва аз ҷумла барои ВМКБ муайян кардааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқот**. Ҳадафи асосии тақиқот ин омӯзиш ва таҳлили вазъи соҳаи сайёҳӣ аз нуқтаи назари геоэкологӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию таърихӣ, хусусиятҳои минтақавӣ барои таҳияи дурнамои рушди минбаъдаи туризми экологӣ дар ВМКБ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Объекти тадқиқот.** Сайёҳии экологӣ дар ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот.** Омилҳо ва хусусиятҳои ҳудудии рушди туризми экологӣ дар доираи минтақаи интихобшуда ба ҳисоб меравад.

**Масъалаҳои тадқиқот:**

- омӯхтан ва таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии рушди туризми экологӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ;

- баррасии хусусиятҳои иқлимӣ ва таърихии ВМКБ дар заминаи рушди сайёҳии экологӣ;

- омӯхтани омилҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа, ки ба рушди сайёҳии экологӣ таъсир мерасонанд;

- таҳлили маълумотҳо дар бораи захираҳои биологӣ, обӣ ва истифодаи онҳо, инчунин баҳодиҳии имкониятҳои ҳудудҳои махсус ҳифзшавандаи ВМКБ барои рушди туризми экологӣ;

- ноҳиябандии экотуристии қаламрави ВМКБ ва муайян намудани дурнамои рушди туризми экологӣ дар минтақа;

**Усулҳои тадқиқот**. Асоси методологии диссертатсияро усулҳои анъанавӣ илми география ташкил менамоянд: мушоҳида, ҳудудӣ, системавӣ-сохторӣ, муқоисавӣ-ҷуғрофӣ, минтақавӣ, картографӣ, экспедитсиони саҳроӣ, инчунин манбаъҳои оморию электронии иттилоот оиди мавзӯи таҳқиқот мебошанд. Муқаррароти методологии диссертатсия ба дастовардҳои тадқиқотӣ дар соҳаи геоэкология, географияи табиий, инчунин таҳияҳои илмӣ оид ба экотуризм ва географияи минтақавӣ асос ёфтааст.

**Соҳаи таҳқиқот.** геоэкология, баҳодиҳи иқтидор ва дурнамои рушди туризми экологӣ дар ВМКБ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Тадқиқот дар се марҳила гузаронда шуд. Марҳилаи якум – шиносоӣ бо адабиетҳои фондӣ ва чопӣ ва сомонаҳои интернети оид ба мавзӯъи сайёҳи рекреатсионӣ (2007-2010). Марҳилаи дуюм - боздид аз ҷойҳои туристӣ рекреатсиони ВМКБ, шиносоӣ бо табиат ва ёдгориҳои, таъихию фарҳангӣ, гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ (2010-2018). Марҳилаи сеюм –

ҷамъбасти маълумотҳо ҷамъовардашуда ва навиштани рисолаи диссертатсионӣ (2018-2020).

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва омӯзишии таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили маводи зиёди таҷрибавӣ, ки дар муассисаҳои давлатӣ ҷамъ оварда шудаанд: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳои сайёҳӣ, пурсишномаҳои сотсиологии сайёҳон ва ташкилкунандагони истироҳат дар ВМКБ. Инчунин, дар диссертатсия маводҳои мушоҳидаҳои шахсии муаллиф, тадқиқоти экспедитсионӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни ВМКБ, ки захираҳои экотуристӣ доранд, истифода шудаанд (2007-2018). Ҳангоми навиштани диссертатсия аз маводи хазинавии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти ҶТ, Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ (СҶС), манбаҳои интернетӣ истифода шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ:**

- натиҷаҳои таҳқиқотро мақомоти маҳаллӣ барои татбиқи сиёсат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ истифода намоянд;

- натиҷаҳои таҳқиқотро метавонанд дар таҳияи консепсияҳо, нақшаҳо ва барномаҳои рушди минтақаҳои кӯҳӣ дар соҳаи истифодаи табиат ва ҳифзи муҳити зист, дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии кор ва истироҳат дар шароити кӯҳистон истифода шаванд;

- натиҷаҳои тадқиқот, тавсияҳо ва хулосаҳо метавонанд ба рушди самараноки экотуризм дар ВМКБ мусоидат намуда, заминаи таҳқиқоти илмии ояндаро дар соҳаи туризм ва рекреатсия муайян кунад;

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар ҳалли масъалаҳои ташаккул ва рушди минбаъдаи экотуризм дар минтақаҳои кӯҳӣ дар мисоли ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлолияти миллӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ мебошад.

- бори аввал пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва истиқлолияти Тоҷикистон натиҷаи асосҳои назариявӣ ва методологии рушди тадқиқоти туризми экологӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ҷамъбаст ва таҳлил карда шуда дар натиҷаи он таърифи «экотуризм» дода шуд;

- таҳлили назариявии захираҳои геоэкологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва рекреатсиоии ВМКБ барои рушди сайёҳии экологӣ гузаронида шуд;

- бори аввал имкониятҳои ҳудудҳои махсус ҳифзшавандаи табиии ВМКБ баҳри рушди туризми экологӣ арзёбӣ карда шуданд;

- бори аввал ноҳиябандии экотуристии қаламрави ВМКБ гузаронида шуд ва намудҳои афзалиятноки сайёҳӣ барои ноҳияҳои экотуристиӣ ҷудокардашуда пешниҳод карда шуданд.

- самтҳои асосӣ ва стратегияи рушди сайёҳии экологӣ барои қаламрави ВМКБ муайян карда шуданд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар муайян кардани хусусиятҳои ташаккул ва дурнамои рушди туризми экологӣ дар шароити кӯҳӣ ифода ёфтааст. Натиҷаи асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқотро ташкилотҳо ва шӯъбаҳо ҳангоми таҳияи консепсияҳо, нақшаҳо ва барномаҳои рушди минтақаҳои кӯҳӣ дар соҳаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист, ҳангоми таҳияи санадҳои танзимкунандаи меёъри кор ва истироҳат дар шароити кӯҳистон истифода бурда метавонанд. Хулоса ва тавсияҳои таҳияшуда ба

рушди самараноки экотуризм дар ВМКБ мусоидат намуда, заминаи таҳқиқоти илмии ояндаро дар соҳаи туризм ва рекреатсия муайян мекунад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот**. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки дар маҷмӯъ, кори диссертатсионӣ метавонад барои таҳияи лоиҳаҳои саромягузорӣ барои рушди устувори сайёҳии экологӣ дар ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон асос шавад. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин метавонанд дар таълими фанҳои "Геоэкология", "Туризми экологӣ", "Географияи иқтисодии Тоҷикистон", "Географияи туризм" дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ истифода шаванд.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

1. Таҳлили захираҳои геоэкологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ-таърихӣ ва рекреатсионии ВМКБ барои расидан ба ҳадафи рушди сайёҳии экологӣ дар минтақа хизмат мекунад;

2. Арзёбии имкониятҳои истифодаи минтақаҳои табиии махсус ҳифзшавандаи ВМКБ имкон медиҳад, ки роҳҳои асосии истифодаи минбаъдаи онҳо барои рушди туризми экологӣ муайян карда шаванд;

3. Ноҳиябандии экотуристии ҳудуди ВМКБ, ки аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, барои муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани самтҳои асосии рушди минбаъдаи туризми экологӣ ва таҳияи стратегияи дарозмуддати рушди он ҳамчун асос хизмат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаб.** Муаллиф шахсан дар корҳои саҳроӣ, дидани ҷойҳои рекреатсионӣ ва суҳбат бо сайёҳон, мубоҳисаҳо дар мавзӯъҳои сайёҳӣ, рӯшан кардани нуқтаи назари гуногун ва санҷиши натиҷаҳо ширкат варзидааст. Матни диссертатсияро муаллиф навиштааст, маълумоҳои оморӣ низ аз тарафи ӯ дар ҷадвал ҷамъбаст карда шудааст ва аксҳоро низ худи муаллиф гирифтааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳои солонаи илмӣ ва назариявии факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ (ДДХ) ба номи М.Назаршоев (Хоруғ, 2007-2020) муҳокима карда шуданд; Дар конфронсҳои байналмилалии илмӣ ва амалӣ: Симпозиуми байналмилалӣ "80 - солагии экспедитсияҳои Германия-Русия ва Помир-Олой" (Душанбе, 2008); "Дурнамои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва такмили маълумоти техникӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои ИДМ" (Душанбе, 2011); "Мушкилоти экологӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ" (Данғара, 2015); "Аҳамияти рушди сайёҳии дохилӣ" (Душанбе, 2017); "Тайёр кардани кадрҳо барои рушди устувори туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Душанбе, 2019).

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар 12 кори илмӣ, аз ҷумла 4 мақолае, ки дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар 164 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Дар матни диссертатсия 12 ҷадвал, 13 расм ва 2 замима ҷой дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 137 номгӯи маъхазҳои муаллифони ватанию хориҷиро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи коркарди он шарҳ дода шуааст. Инчунин ҳадафҳо, вазифаҳо, объект ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шуда, эътимоднокии натиҷаҳои кор асоснок гардида, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқотро инъикос менамояд. Нуқтаҳои асосии илмии ҳимояшавандаро таҳия намуда, саҳми шахсии довталаб ва натиҷаҳои тадқиқот нишон дода шуда, маълумот дар бораи нашрияҳо, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оврада шудааст.

**Дар боби якум "Иқтидорҳои табиӣ ва геоэкологии ВМКБ ҳамчун асоси ташкили экотуризм"** хусусиятҳои экотуризмро ҳамчун як соҳаи рушди сайёҳии муосир, иқтидори захираҳои табиии минтақа, захираҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, инчунин омилҳои иҷтимоию иқтисодии ба рушди экотуризм дар минтақа таъсирбахш тавсиф дода мешавад.

**Дар боби дуввум "Баҳогузории ҳолати истифодаи захираҳои геоэкологии ВМКБ барои рушди экотуризм"** хусусиятҳои захираҳои обӣ ва биологии минтақаи таҳқиқшавандаро ошкор намуда, дараҷаи мувофиқ будани минтақаҳои табиии махсус ҳифзшавандаи ВМКБ барои рушди экотуризм баҳо дода мешавад.

**Дар боби сеюм «Ноҳиябандии экотуристии ҳудуди ВМКБ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ»** дар бораи принсипҳои ноҳиябандии экотуристӣ тавсиф дода шуда, роҳҳои такмили механизми рушд, инчунин самтҳои афзалиятноки рушди экотуризм дар ҳудудии ВМКБ тибқи схемаи таҳияшуда, ҳамчун навъҳои туризм ба шароити минтақа мувофиқанд пешниҳод карда мешавад.

Истилоҳи "туризми экологӣ" ба наздикӣ пайдо шудааст. Ин истилоҳро Миллер соли 1978 ҳамчун мафҳуми яке аз шаклҳои рушди устувори туризм ҷорӣ ва истифода кардааст. Аввалин шуда ин истилоҳ соли 1983 аз тарафи эколог-иқтисоддони мексикоӣ Гектор-Себаллос Ласкуриен ба илм ворид шудааст. Инчунин тафсири маҳдуд ва васеъи экотуризм, ки ҳам инфиродӣ ва ҳам дар маҷмӯъ аз якдигар фарқ мекунанд ва аз ҷиҳати назариявӣ дар муҳити Ғарб хусусиятҳои хоси худро доранд, ҷудо кардан мувофиқи мақсад мебошад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки дар Ғарб барои мисол ИМА, Канада ва Австралия тафсири маҳдуди туризми экологӣ ба намояндагони "ҳаракати сабз" алоқаманд аст, дар ҳоле ки дар баъзе кишварҳо, аз ҷумла дар Осиёи Марказӣ, тафсири васеъ экотуризм дар дасти мутахассисони соҳаи туризм боқӣ мемонад.

Тоҷикистон дорои захираҳои маҳдуди экосайёҳи буда ба гурӯҳи кишварҳое шомил аст, ки минтақаҳои кӯҳии он бо сабаби сарбории зиёди антропогенӣ ба ландшафтҳои табии доштан, истифодаи тафсири васеъи экотуризм мувофиқ аст. Рушди минтақаи кӯҳи дар ин ҷо ҷузъи муҳим мебошад. Масалан дар ВМКБ, ки сарбории антропогенӣ ба ландшафтҳо ҳанӯз ҳам он қадар зиёд нест, истифодаи тафсири васеи туризми экологӣ қобили қабул аст, зеро захираҳо барои рушди он дар ин ҷо маҳдуданд. Туризми экологӣ дар шароити кӯҳистон бояд инсонро бо муҳити табиӣ пайваст кунад, дар ҳоле, ки шароити пурраи истироҳат ва татбиқи манфиатҳои экологии истироҳаткунандагон миқёси таъсирро ба муҳити зист ба танзим дарорад.

Объекти муҳими экотуризм гуногунии биологии минтақа мебошад. Табиати Помир яке аз гӯшаҳои беназири сайёра мебошад, ки дар он гуногунии бойи биологӣ

мавҷуд аст, ки асосан ба шароити хоси физикӣ, ҷуғрофӣ ва экологии минтақа вобаста аст. Бо назардошти баландиҳои мутлақ ва доираи васеъи шароити экологӣ, дар ин ҷо флораи бой ва аслӣ мутамарказ шудааст, ки дер боз диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб мекунад.

Таркиби намудии флораи Помири Ғарбӣ тақрибан 2000 намудро ташкил медиҳад, ки дар онҳо 1229 намуд ба оилаи спораҳо, бактерияҳо, лучтухмон ва пушидатухмон таълуқ доранд, ки ба 423 насл ва 8 оила мансубанд. Дар флораи муосири минтақа шумораи зиёди намудҳои эндемикӣ ва реликтӣ боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, маълумоти мукаммалтар, инчунин мушкилоти ҳифзи гуногунии генетикии олами растаниҳои ин минтақаи баландкӯҳ, аз ҷумла барои рушди туризми экологӣ аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ доранд.

**Баҳогузории ҳолати истифодаи захираҳои геоэкологии ВМКБ барои рушди экотуризм.** Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи минтақаҳои махсуси муҳофизатшаванда" аз 27 ноябри соли 2014 таҳти №1159, чунин омадааст. Дар асоси таснифи расмии ҳудудҳо, вазъи ҳуқуқии минтақаҳои муҳофизатшаванда: боғҳои миллӣ, мамнуъгоҳҳо, ёдгориҳои табиӣ, боғҳои дендрологӣ ва боғҳои ботаникӣ, инчунин обҳои маъданӣ ва муассисаҳои табобати-тиббии дохил мешаванд.

Ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшаванда (ҲТМҲ) дар саросари ҷаҳон барои ташкили туризми экологӣ васеъ истифода бурда мешаванд, аммо истифодаи ин самти рушд дар ВМКБ ба мушкилот дучор меояд, зеро минтақаи кӯҳистон хусусиятҳои хоси худро дорад. Бо мақсади таъмини аҳолии маҳаллӣ ва сайёҳони хориҷӣ барои сайёҳату истироҳат дар шароити ВМКБ дастгирии давлат дар робита бо тарбияи дарки муносиби муҳити табиии экологӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ як қатор марказҳои дастраси экологии дорои иттилоот мусоидат менамоянд ба мақсад мувофиқ мебуд.

Дар қаламрави ҲТМҲ шаҳракҳои сершумори қадима ҷойгиранд, ки фарҳанг ва хусусиятҳои таърихии ниёгони худро ҳифз кардаанд. Дар назди чунин маҳалҳои аҳолинишин ёдгориҳо ва манзараҳои қадимаи таърихӣ ва фарҳангӣ ҳифз шудаанд. Аз қадимулайём боз дар қаламрави ВМКБ иншоотҳое буданд, ки анъанавӣ ҳифз мешуданд. Ба ғайр аз "мазорҳо" (ҷойҳои дафнҳои муқаддас), чашмаҳо, обҳои минералӣ, инчунин кӯҳҳо, марғзорҳо, баъзе кӯлҳои хурд, ашёи палеонтологӣ ва ботаникии реликтиро дар бар мегиранд.

Дар ҳоли ҳозир, дар қаламрави ВМКБ мамнуъгоҳи Зорқул, Боғи миллии Тоҷикистон ва Мамнӯъгоҳи Музкул фаъолият доранд (расми 1). Ғайр аз он, баландтарин (дар фазои пасошӯравӣ) Боғи ботаникии Помир ба номи А. Гурский бо нигоҳ доштани гуногунии биологӣ дар шароити кӯҳӣ машғул аст ҷойгир шудаанд.

Дар харити дар поён оврадашуда ба назар гирифта шуд, ки Боғи Помир тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2004 №70 ҳамчун намояндагии Боғи миллии Тоҷикистон дар ВМКБ таъсис дода шудааст. Масоҳати умумии Боғи миллии Тоҷикистон 2 235 149 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 270 000 гектар ба ноҳияи Ванч, 350 000 гектар ба ноҳияи Рӯшон, 128100 гектар ба ноҳияи Шуғнон ва 1 487 109 гектар ҳудуд ба ноҳияи Мурғоб тааллуқ дорад. Бояд қайд кард, ки вобаста ба минтақа, шароити табиӣ, имкониятҳои фароғатӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ, Боғи миллии Тоҷикистон ба талабот ва стандартҳои ҷаҳонии боғҳои миллӣ

ҷавобгӯ мебошад. Боғи миллии Тоҷикистон (БМТ) яке аз боғҳои миллии баландкӯҳ ба шумор меравад ва аз ин рӯ таваҷҷӯҳи ҷаҳониёнро бештар ҷалб кардааст.

Дар айни замон БМТ се самти асосии фаъолиятро дар бар мегирад:

- ҳифзи табиат ва гуногунии биологӣ;
- гузаронидани тадқиқотҳои экологӣ ва биологӣ;
- рушд додани туризми экологӣ.




***Расми 1. Харитаи ҳудудҳои махсус ҳифзшаванда ВМКБ***

Боғи миллии Тоҷикистон аз ёдгориҳои табиӣ ва ҷойҳои туристӣ хеле бой аст, ки воқеан ҳам барои сайёҳон хеле ҷолибанд. Шароити пешгӯинашавандаи обу ҳаво ва табиати ба худ хоси ин минтақа ҳар як меҳмонро мутаассир мекунад. Муҳаққиқи маъруфи шӯравӣ Р.Потапов менависад, ки табиати Помир бештар ба фазои кайҳон, алахусус он ба манзараҳои Марс шабоҳат дорад. Дар дохили Боғи Миллии Тоҷикистон 176 қулла мавҷуданд, ки баландии онҳо аз 5000 м зиёд аст, 41 қуллаи баландтар аз 6000м, қуллаи И.Сомонӣ дар қаторкӯҳи Академияи илмҳо ва Сино дар қаторкӯҳи Заалайский бо баландиҳои беш аз 7000м хос аст. Чунин релеф бешак аз потенсиали баланди рушди сайёҳии кӯҳӣ дар қаламрави Боғи миллии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Ғайр аз он, дар ҳудуди он зиёда аз 500 кӯлҳои гуногун мавҷуданд, ки калонтарин ва машҳуртарини онҳо Қарокул, Яшилкул ва гавҳари дили кӯҳҳои Помир - кӯли Сарез мебошанд.

Дар қаламрави Боғи миллии Тоҷикистон пиряххои сершумор ьойгир буда, ҳудуди БМТ- ро дар китоби гляциологӣ машҳур намудаанд. Пиряххои азимтарини БМТ - Федченко, Хирсон, Гармо, Грум-Грижмайло, Танимас, Зулумарт, Октябр, Абдукаҳор ва ғайра мебошанд. Дар ҳудуди БМТ инчунин ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ мавҷуданд, ки барои рушди туризми этнографӣ мусоидат менамоянд. Шаҳраки конканҳо Самарқандак - дар Бозордара (асри 17), қалъаи ҳарбии Русияи подшоҳӣ дар Рубот ва Музкул, Қарокӯли қадим, сангҳои тақвимии моҳ, инчунин мазорҳои қадимтарин низ дар ҳудуди БМТ ҷойгир шудаанд.

Мамнӯъгоҳи Зоркул ягона мамнӯъгоҳ дар Помир мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2000 № 120 ташкил карда шудааст.

Ҳадафи асосии ташкили мамнуъгоҳ ҳифзи комплекси беназири табиии Помири Шарқӣ мебошад. Масалан, чунин комплексҳои беназири табии ба монанди ғози кӯҳӣ, нахчири Помир (архар) ва бузи кӯҳии Осиёи Миёна нигоҳ доштан лозим аст. Дар оянда ташкили мамнуъгоҳи муштараки табиӣ бо Ҷумҳурии Афғонистон, ки аҳамияти бузурги экологӣ хоҳад дошт ва ба рушди ҷомеаи экологии минтақа, ки ду қаламрави аз ҷиҳати ҷуғрофӣ алоқаманд мебошанд, мусоидат хоҳад кард. Мамнӯъгоҳ дар баландии 4100-4200 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. (расми 2.)




Расми 2. Харитаи туристии мамнӯъгоҳи Зоркул (таҳиякардаи муаллиф)

Наботот дар ин ҷо хеле кам ба назар мерасад, асосан терескен (ceratoides), явшони Леман (Artemisia Lemanii), пижмаи Помир (Tanacetum pamirica), болиштакҳо (Onoprychis echidna) ва ғайра мебошанд.

Олами ҳайвонот. Кӯлҳо аз соддатаринҳо ва ҳайвоноти бесутунмӯҳра хеле бой мебошанд. Гуногунии олами ҳайвонот бузург аст. Уқоби тиллоӣ (Aguil chrysaetus), каргаси ришдор (Gypaetus bardatus), kumai Ggyps himalayensis), балабани муғулӣ (Falco cherrug milvipes) бояд ҳамчун намояндагони равшани паррандаҳо қайд карда шавад; колонияҳои гуси кӯҳӣ (Anser indicus), дарёи Тибет (Sterna hereunto tibetana), пловери муғулӣ (Charadrius mongolus pamirensis), огари (Casarca ferruginea). Кӯли Зоркул селаи бузурги паррандагони муҳоҷир ва наздик ба обро ҷалб мекунад, ки онҳо ҳангоми истироҳат ва хӯрок дар муҳоҷирати тирамоҳӣ дар ин ҷо меистанд. Ғозҳои ҳиндӣ, ва дигар парандагони кӯҳӣ, ки аз ҷумлаи намудҳои нодир мебошанд, дар ҷазираҳои кӯл лона мегузоранд. Ғози кӯҳӣ ба "Китоби сурхи Тоҷикистон" шомил шудааст, он дар хатари нестшави қарор дорад. Дар Помир ғози кӯҳӣ паррандаи муҳоҷири ки аз кишварҳои гарми Осиёи Шарқӣ ба ин ҷо махсус барои лонамони меоянд. Мақсад аз ташкили ҲТМҲ дар қаламрави ВМКБ ин - ҳифзи табиати беназир, ки барои ин минтақа хос аст ва аз ҷиҳати геоландшафти нотакрор

барои ташкили сайёҳии экологӣ, таълимӣ, ҳифзи табиат ва корҳои тадқиқотӣ мусоид мебошад.

Табиати Помир минтақаи воқеан ҳам беназир дошта барои ташкили минтақаҳои ҳифзшаванда мусоид аст, зеро обу ҳаво, хок, шароитҳои иқлимӣ, пиряххо ва майдонҳои барфӣ, биёбонҳои кӯҳӣ фаровонии дарёҳо, кӯлҳо, чашмаҳои гарм ва минералӣ, сангҳои қиматбаҳо, олами набототу ҳайвоноти нодир, минтақаи камаҳолӣ, мавҷудияти захираҳои зиёди рекреатсионӣ ва ғайра, олимонро водор намуд, дар ин ҷо боғи миллӣ ташкил крада шавад.

Имрӯз ҲТМҲ ифтихори миллии мо мебошанд. Ин гуна гӯшаҳо дар рӯи замин кам боқи мондаанд. Хусусияти хоси табиати Помир дар он аст, ки аксарияти ҳудуд дар ҳолати аввалаи нигоҳ дошта шудааст. Аз ин рӯ, сайёҳат намудан тавассути қаламрави Помир барои сайёҳон кайҳо боз ба яке аз намудҳои маъмули сайёҳат ва истироҳат табдил ёфтааст, зеро принсипҳои туризми экологӣ ба қоидаҳои шикастнопазири рафтор дар бағали табиат табдил меёбанд ва худи калимаи «экотуризм» бо «эко-тарбия» ҳаммаъно мешавад.

Дар Тоҷикистон экотуризм ҳамчун намуди нави сайёҳӣ боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, барои рушди мӯътадили экотуризм дар ин қаламравҳо бояд нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои экотуризм дар ҳудудҳои муҳофизатшаванда интихоб карда шаванд. Бояд қайд кард, ки дар замони мо туризми экологӣ дар қаламрави минтақаҳои муҳофизатшаванда тибқи қонун иҷозат дода шудааст, аммо дар инҷо ҷанбаҳои манфӣ низ мавҷуданд, масалан, сайёҳии "ваҳшӣ", ғайрмуташаккилона метавонад ба тиҷорати "ваҳшӣ" -и сайёҳӣ табдил ёбад. Ҳоло ҳам дар бораи рушди сайёҳии экологӣ дар минтақаҳои муҳофизатшаванда ақидаҳои муқобил мавҷуданд. Бисёр намояндагони ҷомеаи илмӣ (инчунин худи кормандони мамнӯъгоҳҳо) исрор меварзанд, ки рушди туризми экологӣ дар чунин ҳудудҳо ғайри қобили қабул аст. Дар чунин ҷойҳо, гӯё танҳо таҳқиқоти илмӣ анҷом додан мумкин аст.

Аммо созмонҳои туристӣ дар асоси ниёзҳои бозори сайёҳӣ ва тамоюлҳои ҷаҳони муосир наметавонанд бо андешаҳои ҷомеаи илмӣ ва худи кормандони минтақаҳои муҳофизатшаванда розӣ нашаванд. Аз ин рӯ, имрӯз ғояи манъи сафарҳо экотуристӣ дар ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи Тоҷикистон ва алахусус ВМКБ бо ҳамкории мутақобилан судманд иваз карда мешавад. Чунин шартҳо ба мафҳуми экотуризм дохил карда мешаванд. Барои Тоҷикистон, бо назардошти муҳити табиии беназири кӯҳии худ ва фарҳанги маҳаллӣ, бояд ба истилоҳ "сегменти туризми экологӣ", ки онро "туризми алтернативӣ" низ меноманд, бояд фарқ карда шавад. Туризми маъмулӣ бениҳоят ноустувор ва кӯтоҳмуддат аст, зеро он дорои унсурҳое мебошад, ки дар муддати кӯтоҳ муҳити табииро вайрон менамояд ва боиси ихтилофи байни сайёҳон ва аҳолии маҳаллӣ мегардад. Дар робита бо ин, ба назар чунин мерасад, ки масъулони рушди туризми экологӣ дар кишвар ва вилоятҳо амиқӣ ва моҳияти пурраи мушкилот, аҳамияти самти ҳадафи бозорро дарк намекунанд.

Масъалаи муҳим дар рушди устувори экотуризм дар минтақаҳои муҳофизатшавандаи ВМКБ ба хотири баланд бардоштани маърифати экологӣ ва огоҳии аҳолии маҳаллӣ мебошад. Ин масъала дар баробари рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои муҳофизатшавандаи табиӣ, махсусан, вақте кам шуд, ки

маблағгузории буҷавии соҳа коҳиш ёфт ва дар назди муассисаҳои экологӣ вазифа меистод, ки барои рушд ва ташкили туризми экологӣ маблағҳои иловагии буҷетӣ пайдо карда шавад. Албатта, маҳз ин омил ба истилоҳ "қадами аввал" дар рушди экотуризм дар Помир буд, аммо масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа баррасӣ карда намешуданд.

Таҳқиқотҳои илмии ва амалии солҳои охир нишон медиҳанд, ки ҳудудҳои табии Помир, асосан қисмтати Шарқи он барои рушд додани экотуризм бештар ниёз дорад. Расидан ба ин ҳадаф фақат дар он сурате ба амал меояд, агар ҳудудҳои табии ба тлаботҳои зерини ҷаҳони муосир ҷавобгӯ бошанд:

- табдил ёфтан ба воситаи муассири тарбияи экологӣ, нақши барҷаста дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияҳо, ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеа ба мушкилоти ҳифзи муҳити зист ва саҳмгузорӣ дар тақвияти дастгирии ҷамъиятӣ ба ҳудудҳои ҳифзшаванда;
- дар ҳудудҳои муҳофизатшаванда бахшҳои илмии доимоамалкунанда ташкил шаванд, ки системаҳои экологии табииро доимо назорат карда тавонанд;
- мусоидат ба рушди иқтисоди маҳаллӣ саҳми муайян гузошта, аҳолии маҳаллиро ба кор ҷалби намудан;

Риояи шартҳои дар боло овардашуда на танҳо ба рушди бомуваффақияти ҳудудҳои муҳофизатшаванда, балки ба рушди устувори туризми экологӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд гаштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии минтақа дар маҷмӯъ мусоидат хоҳад кард.

Дар мавриди масъалаҳои истифодаи устувори ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшавандаи ВМКБ барои сайёҳии экологӣ, ҳалли онҳо то ҳол аз воқеият дур аст. Дар ҳамин ҳол, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки самаранокии иҷтимоию иқтисодии туризми экологӣ дар сатҳи маҳаллӣ ва минтақавӣ баландтар аст. Аз ин рӯ, минтақаҳои муҳофизатшаванда метавонанд манбаи воқеии ташкили ҷойҳои нави корӣ ва даромади иловагии барои иқтисоди маҳаллӣ гарданд. Рушди экотуризм дар минтақаҳои муҳофизатшаванда метавонад бо ҷалби таваҷҷӯҳи байналмилалӣ ва сармоягузорӣ ба минтақа кумак кунад, ки ин дар навбати худ аҳамияти ҳудудҳои муҳофизатшавандаро дар назди аҳолии маҳаллӣ баланд бардошта, муносибати онҳоро ба мушкилоти экологӣ тағйир медиҳад.

Ҳамин тариқ, татбиқи ҳадафҳои барномавии дар боло зикршуда оид ба ташкили сайёҳии экологӣ дар қаламрави боғҳову мамнуъгоҳҳои табиӣ ва миллӣ ба эҳёи иқтисодӣ ва суботи сиёсии минтақа дар маҷмӯъ мусоидат хоҳад кард.

**Ноҳиябандии экотуристии ҳудуди ВМКБ.** Дар илм аллакай як қатор усулҳои омӯхтани захираҳои туристӣ ва рекреатсиони таҳия карда шудаанд, ки онҳоро шартан ба географӣ, иқтисодӣ, иҷтимои, риёзӣ, оморӣ ва геоинформатсионӣ тақсим кардан мумкин аст. Асоси таҳқиқоти диссертатсионии мо тарафи географийи баҳодиҳӣ, пешгӯии захираҳои экологӣ ва туристӣ, инчунин тақсимоти ҳудудии ВМКБ ба ноҳияҳои экотуристӣ мебошад. Гуногунии туризми экологӣ бо принсипҳои зерини истифодаи ҳудуд муайян карда мешавад, ки дар байни онҳо, асосантарин инҳоянд:

- принсипи танзими талабот, ки зери таъсири омилҳои мухталиф тағйир меёбад: ҷолибияти фароғатӣ ва сайёҳии манзараи табиӣ, сифати хизматрасониҳо, мавсим, мӯд, қобилияти пардохпазирии сайёҳон;
- принсипи идоракунии оқилонаи табиат, ки аз чунин истифодаи оммавии манзараҳои ҳифзи табиат иборат аст, ки дар он онҳо қобилияти барқароршавӣ, яъне имконияти баргаштан ба ҳолати аз ҷиҳати хусусиятҳои функсионалӣ ба табиӣ наздикро доранд;
- принсипи идоракунии мутавозинати табиии, яъне истеҳсоли маҳсулоти туристӣ дар доираи ҳифзи табиат бояд мувофиқи иқтидор ва муқовимат аз таъсири рекреатсионӣ амалӣ карда шавад;
- принсипи маҷмӯӣ-минтақавӣ дар заминаи ҳудудии иқтидори экотуризм ва минтақаи ҳифзи табиат ба амал омада, хусусиятҳои инфиродӣ ва аломатҳои ташаккули системавии онҳоро муайян намуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад ва ба ҳифзи табиат мусоидат менамояд;

Дар ин кор, барои истифодаи самараноки табиат бо мақсади туризми экологӣ, минтақабандии экологӣ-туристии қаламрави Помир гузаронида шуд. Ҳангоми ноҳиябандии экологӣ-туристии қаламрав чунин нишондиҳандҳоро ба назар гирифтем: сатҳи таъсири антропогенӣ ва зоогенӣ ба табиат, таркиби наботот ва ҳайвонот, шароити иқлимӣ, мавҷудияти захираҳои муайяни экотуризм, тарзи зиндагии аҳолии маҳаллӣ урфу одати онҳо, муносибат ба табиат ва ғайра. Бо назардошти ин хусусиятҳо, тамоми қаламрави ВМКБ (Помир) ба 6 ноҳияи экотуристӣ тақсим карда шуд, ки 4-тои он дар Помири Ғарбӣ - Бадахшони Шимолӣ, Бадахшони Ҷанубӣ, Бадахшони Марказӣ, Вахон-Ишкошим ва 2 минтақаи экотуристии воқеъ дар Помири Шарқӣ - минтақаи экотуристи Помири Марказӣ ва Помири Шарқӣ (Расми 3.).




Расми 3. Харитаи минтақаҳои экотуризми ВМКБ. (таҳиякардаи муаллиф)

**1. Ноҳияи экотуристи Шимолӣ-Бадахшон.** (Ноҳияи субтропикии Дарвоз) - қаторкӯҳҳои Дарвоз, Ванч ва Язғуломро муттаҳид мекунад, ки бо майдонҳои зиёди минтақаҳои пиряхии муосир фарқ мекунанд. Ноҳияи экотуристии Шимолӣ-Бадахшон асосан аз ҒҶҒ ба тарафи ШҶШ нигаронида шудааст. Ба минтақаи Шимолӣ-Бадахшон қаторкӯҳҳо дохил мешаванд, ки дар шимол ба воситаи водии дарёи Муғсу, дар ҷануб бо водии дарёи Бартанг ба тарафи водии дарёи Панҷ мегузарад, дар шимолу ғарб ба воситаи пиряхи Федченко марз ба таври шартӣ аломатгузорӣ шудааст ва аз водии дарёи Карашура ва ағбаи Хобу-Работ дар қаторкӯҳи Дарвоз мегузарад.

*Мавзеъҳои экотуристии ноҳия инҳоянд:*

1. Ёдгории манзараи Туқайзори маҷрои дарёи Ванҷ.
2. Ёдгории гидрологӣ шаршараи Матраун, воқеъ дар шохоби чапи дарёи Язғулом.
3. Пиряхи Федченко.
4. Пиряхи Хирс.
5. Дар водии дарёи Ванҷ дар замонҳои қадим қалъаҳои сершумор низ буданд, ки то имрӯз боқӣ мондаанд. Аз қалъаи Қалъаи Ванҷ, ки дар маркази вилоят ҷойгир аст, танҳо деворҳо боқӣ мондаанд.
6. Дар деҳаи Гушхун, қабрҳои қадимӣ боқӣ мондаанд, ки номҳои Шафахреддин, Акбаршо, Давлатбек, Шер, Ғиёс, Маҳкам, Мулло Нурмуҳамад доранд.
7. Дар деҳаҳои Гуджаваст-1, Гуджаваст-2, Мотравн ва Андарбоғ қалъаҳо боқӣ мондаанд. Дар деҳаи Чартаккалъа (Язғулом) қалъаи аз санг сохта шуда боқӣ мондааст, ки баландии деворҳои он ба 3 метр мерасад ва масоҳати умумии он 150 метри мураббаъро ташкил медиҳад.
8. Ҷои муқаддас барои сокинони ноҳия Мазори " Хочаи Сабзпуш" дар деҳаи Ван-Ван аст.
9. Пойгаҳи Институти биологии Помир, дар Ванҷи Боло, ки дорои коллексияи беназири навъҳои чормағз мебошад.
10. Қалъаи Ша-Шаҳа дар маркази маъмурии Калъаи-Хумби минтақаи Дарвоз ва маҳаллаи машҳури Карон (чанде пеш барқарор карда шудааст), дуртар аз деҳаи Рузвайи ноҳияи Дарвоз.
11. Пойгаҳи таҷрибавии Роғак Институти биологии Помири АМИҶТ, бо баъзе намудҳои растаниҳои субтропикӣ.

**2. Ноҳияи экотуристии Бадахшони Ҷанубӣ.** Он нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Язғулом, қаторкӯҳҳои Рӯшон ва Шуғнон, инчунин нишебиҳои шимолии қаторкӯҳи Шоҳдарaро муттаҳид мекунад. Ин минтақаи маъмулии Помири Ғарбӣ мебошад.

*Мавзеъҳои шоёни диққати туристии минтақа зерин мебошанд*:

1. Шаршараи Чарсем дар дарёи Ғунд, дар наздикии деҳаи Чарсем.
2. Осорхонаи Носири Хисрав ва чашмаи муқаддаси Н.Хисрав дар деҳаи Поршнев.

3. Қалъаҳои Имом-Хона, Ванқала, Кофирқалъа дар водии Ғунд. Дар наздикии боқимондаҳои қалъаи Кофирқалъа дар деҳаи Боғев маъбадҳои оташ нигоҳ дошта шудаанд.

4. Ҷои муқаддаси мазҳаби исмоилиёни мазорӣ "Мушкилкушо".

5. Се маҷмааи калони истиқоматии маъдани нуқрагин ба асрҳои 10-11-и мелодӣ дар деҳаи Варшез, дуртар аз водии дарёи Ғунд шохобҳои чапи он - Тоқузбулоқ ва Варшездарё.

6. Чашмаи минералии Ҷелондеҳ дар соҳили чапи дарёи Тоқузбулоқ, ки 300 метр ғарбтар аз деҳаи Ҷеландеҳ дар баландии мутлақи 3500м ҷойгир ҷойгир аст. Дар ин ҷо чашмаҳои сершумори гарм ва дар заминаи онҳо санаторияҳо сохта шудаанд.

7. Наспар - чашмаи минералӣ, ки дар водии дарёи Наспардара, шохоби чапи дарёи Ҷавшангоз 2,5 километр дуртар аз водии дарё Наспардара дар баландии мутлақи 3840 м ҷойгир шудааст.

8. Дараи Ривакдара бо манзараҳои зебои худ ва растаниҳои бойи шифобахш ҷолиб мебошад.

9. Харобаҳои қадимаи Калъаи Вомар, боқимондаҳои қалъаҳои харобшуда, ки дар деҳоти Емтс, Вижав, Куртс, Рошорв, Нисур, Басид, Савноб, Рухч, Хуф, Пасор боқӣ мондаанд. Ҳамаи ин қалъаҳо барои муҳофизати аҳолӣ аз ҳуҷум сохта шуда буданд. Ғайр аз ин, дар аксари ин деҳаҳо, барои паноҳ шудани аҳолӣ аз хатар дар болои қуллаҳои баланди дастнорас ғорҳо канда шудаанд, ки то замони мо боқӣ мондаанд.

10. Маркази ВМКБ - шаҳри Хоруғ низ дар ин ноҳияи экотуристӣ ҷойгир буда, бо бисёр мавзеъҳои экотуристии шуҳрат дорад. Масалан, боғи ботаникии Помир ба номи А.Гурский дар наздикии шаҳри Хоруғ, дар баландии мутлақи 2320 м ҷойгир аст. Баландтарин боғи ботаникӣ дар фазои пасошӯравӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо Осхорхонаи табиат, гербарийи растаниҳои дараҷаи олӣ, коллексияи мева ва растаниҳои шифобахш мавҷуд аст.

**3. Ноҳияи экотуристии Маркази Бадахшон.** Он ҳавзаи кӯли Сарез, қисми зиёди водии Кудара бо шохобҳо ва болооби дарёи Баландкиикро фаро мегирад. Дастрасӣ ба ин минтақа ниҳоят душвор аст. Худи мавқеи ноҳия дар маркази минтақаи баландкӯҳ, дар сарҳади Помири Ғарбӣ ва Шарқӣ, тақсимоти амиқи рельеф, ки дар зинаҳои поёнӣ якбора эрозия шудааст ва ҷудоии ҳудудӣ аз роҳҳои асосӣ, аҳолии камшумор ва дастнорас буданаш фарқ мекунад. Роҳҳои бе ин ҳам мураккабе, ки дар тӯли асрҳо дар водии Мурғоб мавҷуд буданд, бо болоравии оби кӯли Сарез зери об монданд. Дар натиҷа, дар баъзе мавзеъҳои табиӣ дараҷаи таъсири антропогенӣ ба қабати наботот ниҳоят паст буд. Як қатор дараҳо, ки роҳи онҳоро кӯл буридааст, аз рӯи суханони сокинони маҳаллӣ, дар тӯли 100 сол барои чаронидан истифода намешуданд, онҳо ба мамнӯъгоҳҳои табиӣ табдил ёфтанд (масалан, дараи Римайф). Аз сабаби баландшавии сатҳи об нисбати қаъри қаблии водӣ (чуқурии максималӣ 505 м), эрозия мегардад ва боиси тағирёбии шадиди режими гидрологии бисёр дарёҳои ба кӯл ҷоришаванда, аз ҷумла дарёи Мурғоб дар қисми шарқии кӯл.

Кӯли маъруфи Сарез ("аждаҳори хуфта") яке аз мавзеъзҳои диққатчалбкунанадаи сайёҳии минтақа мебошад. Кӯли Сарез дар маркази баландтарин системаи кӯҳӣ - Помир ҷойгир аст. Сарбанди Усой дар байни сарбандҳои табиӣ ва сунъӣ дар Замин баландтарин аст. Олами ҳайвоноти кӯли Сарез нисбатан камбағал аст. Дар ин ҷо чунин намудҳои моҳӣ, аз қабили маринка, карп, гулмоҳӣ мебошанд. Маъмултарин намуди сайёҳи дар кӯли Сарез завракронӣ, сайругашт дар атрофи кӯл ва моҳидорӣ мебошанд.

**4. Ноҳияи экотуристии Вахон-Ишкошим**. Дар соҳили рости дарёҳои Помир ва Панҷ, дар байни Зоркул ва Ишкошим ҷойгир аст. Аз шимол онро қаторкӯҳҳои Аличури Ҷанубӣ ва Вахон иҳота мекунанд. Дар ғарб, сарҳад аз қуллаи Маяковский ва бавоситаи дараҳои Абхарв-Мулводж мегузарад. Ҳамин тариқ, ноҳияи экотуристии Вахон-Ишкошим аз шарқ ба тарафи ҷанубу-ғарб то шимолу-шарқ ба дарозии назаррас тул мекашад. Дар ҳудуди болооби дарёи Панҷ ин ноҳияи экотуристӣ аз минтақаи ҳамсояи Ҳиндукуш ба воситаи дарёи Панҷ аз Афғонистон ҷудо мешавад.

*Мавзеъҳои шоёни диққати туристии минтақа зерин мебошанд*:

1. Осоишгоҳи Гарм-Чашма
2. Қалъаи Ямчун
3. Қалъаи Қаҳкаҳа
4. Қалъаҳои бостонии Даршевкала, Вранг, Исор, Ратм
5. Тақвими сангӣ дар наздикии деҳаи Ямг ва Осорхонаи Мубораккадами Вахонӣ
6. Маҷмааи Буддои дар деҳаи Вранг
7. Мавзеъи коркардҳои кӯҳнаи лаъл дар наздикии деҳаи Кӯҳи-Лаъл
8. Талҳои Птуп дар байни деҳаҳои Шитхарв ва Птуп
9. Пойгоҳи Институти биологии Помир дар ноҳия (дорои коллексияи ғаладонагиҳо ва лубиёгиҳо).

**5. Ноҳияи экотуристии Помири Марказӣ** - ҳавзаи Кароқӯл ва инчунин қисми миёнаи водии дарёи Мурғоб - Аксуро фаро гирифтааст. Аз ноҳияи экотуристии Помири Шарқӣ ба воситаи қаторкӯҳи Бозор-Дара (Аличури Шимолӣ) ва то қад қади хатти сарҳади ғарбии Сариқул (Шадпут) тул кашидааст.

*Мавзеъҳои шоёни диққати туристии ноҳияи экотуристии мазкур инҳоянд:*

1. Чашмаи минералии Иссикбулоқ (дар масофаи 2 км дуртар аз мавзеъи ҷоришавии дарёи Аличур ба кули Яшилкул ҷойгир аст);
2. Шаклҳои азими терескени хокистаранг дар дараи Пшари Ғарбӣ;
3. Кӯли Қарокӯл;

Дар кӯли Қаракӯл ҳамасола дар фасли тобистон фестивал бо номи "Регата" баргузор мегардад, ки дар он иштирокчиёни марака дар сатҳи об бо бодбон шино мекунад ва бо номи «Windsurfing» маълуму машҳур мебошад. Аксари ширкаткунандагони ин чорабинӣ сайёҳони хориҷӣ аз кишварҳои гуногуни Аврупо ва ҳам мардуми маҳаллӣ мебошанд. Ин чорабиниҳо барои ҷалби шумораи зиёди сайёҳони хориҷӣ ба минтақаи экотуризми Помири

Марказӣ кӯмак мерасонанд. Имкониятҳои баромадан ба кӯҳҳо дар ноҳияи мазкур кӯл номаҳдуданд.

**6. Ноҳияи экотуристии Помири Шарқӣ.** Ҳудуди фурухамидаи Рангкӯл, нишебиҳои ғарбии Сарикул, водии Аличур бо ҳавзаи Яшилкул, болооби Мурғоб - Аксу (Қизил-Работ) бо ҳавзаи Чамактинкулро ишғол мекунад.

*Мавзеъҳои шоёни диққати ноҳияи экотуристии мазкур инҳоянд:*

1. Ғори Салакташ дар наздикии кӯли Рангкӯл, ки дар баландии 4400 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст;
2. Харсанги ҳайратангези Чатираташ ("чароғаки сангин") дар наздикии водии Аличур ҷойгир аст;
3. Талҳои Пангбазел дар мавзеъи Шатпут;
4. Мавзеъи Кокурт дар водии кӯли Рангкӯл;
5. Расмҳои дар санг тасвиршудаи «Грот шахта» давраи асри санг;
6. Чашмаи Оқбалик дар мавзеъи Аличур;
7. Пойгаҳи Институти биологии Помир дар мавзеъи Чечекти ва Осорхонаи табиат, ки 30км дуртар аз маркази ноҳияи Мурғоб дар водии баландкӯҳ дар баландии мутлақи 3860 м ҷойгиранд.
8. Кӯли Зоркул

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқот ва таҳлили манбаъҳои экотуризм, намудҳои имконпазири фаъолияти туризми экологӣ дар ҳудуди Помир барои рушди минбаъдаи ноҳияҳои ҷудокардаи экотуристӣ пешниҳод карда мешавад (Ҷадвали 1).

Омили асосие, ки имкониятҳои сайёҳии ВМКБ аз он вобастагии калон дорад, ин шароити табиӣ ва рекреатсионии он мебошад. Маҳз на танҳо иқлим ва ландшафти Бадахшон самтҳои асосии фаъолияти иқтисодии минтақаро муайян мекунад, балки хусусиятҳои рушди бахши сайёҳиро низ онро муайян мекунад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи бозори туристӣ дар бораи имкониятҳои сайёҳии мамлакат маълумот дода, онро дар бозори туристии байналмилалӣ ва дохили давлат паҳн мекунад. Ғайр аз ин, банақшагирии рекреатсионӣ низ заминаи моддӣ барои рушди ҳудуд мегардад.

Пеш аз оғози сохтмони комплесҳои нави туристӣ аз тарафи маъсулин бояд таъсироти он ба иқтисодиёт ва табиати минтақа бодиққат ва пурра омӯхта шавад. Шарти муҳими татбиқи чунин лоиҳа гирифтани иҷозати санитарӣ барои бартараф намудани партовҳо ва ғайра мебошад. Дар ниҳояти кор таъсири манфии туризм ба муҳити зист сабаби асосии рад намудани лоиҳа аз ҷониби маъмурияти маҳаллӣ мебошад. Ҳамзамон, туризми наздимарзӣ рушд хоҳад ёфт ва ҳиссаи туризми дохилӣ бошад тавассути афзоиши сайёҳии ҷавонон, пиронсолон ва одамони дорои даромади миёна афзоиш меёбад. Сайёҳии ҷавонон метавонад дар доираи ҳаваскорӣ, варзишӣ ва маърифатӣ рушд намояд.

Сарфи назар аз он, ки технологияҳои нав дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон таъминкунанади босубботи рушди бозори байналмилалии сайёҳӣ

мебошанд, пас барои афзоиши зарфияти бозори сайёҳӣ на танҳо ВМКБ, балки тамоми Тоҷикистон шароити мусоид фароҳам овардан зарур аст.

Ҷадвали 1. - Намудҳои тавсиявии сайёҳии экологӣ барои ноҳияҳои экотуристии ВМКБ

| **Ноҳияҳои экотуристӣ** | **Номи қаторкӯҳҳо ва водиҳо** | **Намудҳои имконпазир экотуризм** |
|---|---|---|
| 1.Бадахшони Шимолӣ | Қаторкӯҳҳои Дарвоз, Ванч, Язғулом, водии дарёи Панҷ, водии дарёи Обихумбоб. Дараҳои Пошхарв, Вишхарв, Обиравноб ва водии дарёи Муғсу. | Саёҳати кӯҳӣ, кӯҳнавардӣ, сайругашт, рафтинг; фарҳангӣ ва маърифатӣ; мушоҳидаи ботаникӣ, зоологӣ; сайёҳии деҳот. |
| 2. Бадахшони Ҷанубӣ | Кӯҳҳои ҷанубии Язғулям, қаторкӯҳҳои Рӯшону Шуғнон, нишебиҳои шимолии қаторкӯҳҳои Шоҳдара. Водии дарёҳои Панҷ, Бартанг (дараҳои Равмед, Ҷизев, Бардара), водии Ғунд (дараҳои Боғевдара, Ривакдара), водии Шоҳдара (дараҳои Шорфдара, Дурумдара, Нимос, Чандиндара) | Фарҳангӣ ва таърихӣ; этнографӣ; Туризми деҳот; Фароғатӣ ва солимӣ; туризми илмӣ; моҳидорӣ, сайёҳии варзишӣ, рафтинг (рафтинг дар дарёҳои тезҷараёни кӯҳӣ); гирифтани аксҳо; экскурсияҳои зоологӣ ва ботаникӣ |
| 3. Бадахшони Марказӣ | ҳавзаи кӯли Сарез, қисмати зиёди водии Кудара бо шохобҳо ва болооби дарёи Балаяндкиик фаро мегирад. | Саёҳатҳои геологӣ, шино бо қаиқи моторӣ дар кӯли Сарез; пиёдагардӣ дар атрофи кӯл; моҳидорӣ; |
| 4.Вахону-Ишкошим | Қаторкӯҳҳои Ишкошим, нишебиҳои ҷанубии куҳҳои Шоҳдара, Қаторкӯҳҳои Аличур ва Вахон, соҳили рости дарёҳои Помиру Панҷ, кӯли Зоркул. Дараҳои Даршай, Абхарв, Мулвводж. | Курорт ва рекреатсионӣ; шикори аксгирӣ, фарҳангӣ - таърихӣ; иттилоотӣ; бостоншиносӣ; Саёҳат дар роҳи бузурги абрешим; пиёдагардии кӯҳӣ. |
| 5. Помири Марказӣ | Қаторкӯҳҳои Пасиолой, Шимоли-Аличур, Зулумарт, Шимоли Танимас, Пшарт ва нишебии ғарбии Сарикул (Шадпут). Ҳавзаи кӯли Қароқул ва қисми миёнаи дарёи Мурғоб – Аксу | Баромадан ба кӯҳ; пиёдагардӣ; аспдавонӣ; илмӣ ва таълимӣ; завракронӣ дар кӯли Қарокӯл (сёрфинг); эксурсияҳои геологӣ; айлоқтур. |
| 6. Помири Шарқӣ | Кӯҳҳои ҷанубии қаторкӯҳи Пасиолой ва нишебиҳои ғарбии Сарикол, фурухамидаи Ранг-Кӯл, водии Аличур бо ҳавзаи Яшил-Кӯл, болооби Мурғоб - Аксу (Қизил-Работ) бо ҳавзаи Чамактынкул. | Кӯҳнавардӣ, спелиотуризм, сайёҳии илмӣ ва таълимӣ; аксбардорӣ, мушоҳидаи ҳаёти ҳайвоноти ваҳшӣ; айлоқтур; саёҳатҳои геологӣ. |

**Манбаъ: таҳиякардаи муаллиф.**

Рушди устувори туризми экологӣ, агар дар асоси далаелҳои мустаҳками илмӣ ташкил карда шаванд, он гоҳ натиҷаи дилхоҳи тавозуни байни табиат ва ҷомеаро ба даст овардан мумкин аст. Агар вобастагии мутақобилаи ҷузъҳои системаи сайёҳӣ ва таъсири омилҳои беруна ба онро ба таври схемавӣ баррасӣ кунем он чунин хоҳад буд (расми 4).




Расми 4. Нақшаи вобастагии мутақобила ва ҳамкорӣ дар системаи сайёҳӣ

Мувофиқи расми 4, системаи муносибатҳои байни ташкилоти туристӣ бо муҳити беруна овардашудааст ва агар тасаввур кунем он чунин мешавад: дар ташаккул ва рушди экотуризм дар минтақа омилҳои экологӣ, технологӣ, сиёсӣ ва муҳити иҷтимоӣ нақши муҳим доранд. Субъекти туризм худи сайёҳ мебошад ва объекти туризм он чиз, ки метавонад ҳадафи сафар барои сайёҳ гардад. Дар муҳити муайян унсурҳои системаҳои гуногун, ки аз якдигар вобастагӣ доранд ва бо ҳам таъсир мекунанд. Ҳангоми ташкили турҳои экологӣ бояд схемаи вобастагии мутақобила ва ҳамкории қисматҳои гуногуни туризмро ба назар гирифт.

Мутаассифона, дар қаламрави ВМКБ, инчунин дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ то ҳоло барои идоракунии бевоситаи таъсири туризм ба табиат чораҳои воқеӣ андешида нашудаанд, ҳатто таъсири ғайримустақими он низ. Таъсири бевоситаи туризм ба табиат пеш аз ҳама истеъмолкунандаи хидматҳои туристӣ яъне аз тарафи худи сайёҳ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ ба мақомоти маҳаллӣ зарур аст, ки ба рушди туризм ба таври ҷиддӣ муносибат намоянд ва хеле муҳим аст, ки он сегменти бозори сайёҳӣ интихоб карда шавад, ки дар айни замон ба пешниҳоди мо мувофиқат кунад ва боиси таназзули табиати кӯҳӣ ва фарҳанги аҳолии маҳаллӣ нагардад, чуноне ки дар бисёр кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба амал омада буд. Бо вуҷуди зарфияти баланди сайёҳӣ доштани ВМКБ ва умуман тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳанӯз ҳам мамалакат дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мавқеи поёниро ишғол менамояд.

Ба гуфтаи коршиносони Созмони Ҷаҳонии Туризм (СҶТ), иқтидорҳои сайёҳии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки бо назардошти сатҳи муносиби инфрасохтори сайёҳӣ, мамалакатамон метавонанд дар як сол то 1 миллион сайёҳи хориҷиро қабул намояд. Аммо дар айни замон, тибқи маълумоти расмии мавҷуда, шумораи сайёҳон бо мақсадҳои тиҷоратӣ, сайёҳӣ ва хусусӣ дар соли 2017 431 ҳазор нафар сайёҳро ташкил додааст (ниг. Расми 5).




Расми 5. Шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки тибқи маълумоти нерӯҳои сарҳадӣ ба Тоҷикистон ҳамчун сайёҳ ворид шудаанд (ҳазор нафар).

Тавре аз рақамҳои дар боло овардашуда бармеояд, танҳо пас аз соли 2015 вақте, ки иқтисодиёти кишвар ба таври назаррас рушд намуд нишондиҳандаҳои оморӣ низ дар соҳаи туризм рӯ ба афзоиш ниҳода буданд. Тибқи ҳамин маълумот, соли 2015 ба кишварамон 413 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ аз зиёда аз 80 давлати ҷаҳон ташриф оварданд, ки ин нисбат ба давраи қаблӣ тақрибан ду маротиба зиёдтар аст. Гарчанд дар соли 2016 шумораи умумии сайёҳон 17,7% коҳиш ёфтааст, аммо дар соли 2017 ин рақам дар муқоиса бо соли 2016 то 87 ҳазор нафар, ё беш аз 25% зиёд шудааст.

Дар диаграммаи зерин мо кӯшиш мекунем, ки ҳамин нишондиҳандаро барои ВМКБ таҳлил намоем, яъне шумораи сайёҳони хориҷӣ, ки дар маркази иттилоотии Ассотсиатсияи сайёҳи этно-фарҳангии Помир (АСЭФП) дар шаҳри Хоруғ дар давраи аз соли 2012 то 2017 сабти ном шудаанд. (расми 6).




Расми 6. Шумораи сайёҳони хориҷӣ, ки дар маркази иттилоотии АЭСФП дар ш.Хоруғ ба қайд гирифта шудаанд, барои солҳои 2012-2017.

Аз расми 6, ки дар боло овардашудааст ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки аксари сайёҳон дар давраи аз моҳи июн то октябр ба ВМКБ ташриф меоранд. Онҳо категорияи сайёҳоне мебошанд, ки аслан хоҳиши дидани табиати нотакрори Помир, олами набототу ҳайвонот, шиносои наздик бо фарҳанг, тарзи ҳаёт ва зиндагии аҳолии маҳаллиро авлотар медонанд. Бештари сайёҳон моҳи

августи соли 2017 ба қайд шрифта шудааст (295 нафар). Таҳлил нишон медиҳад, ки коҳиши шумораи сайёҳон дар соли 2016 бо вазъи сиёсии ноустувор дар марз бо Афғонистон ва маълумоти нодуруст дар ВАО дар бораи вазъи сиёсии ВМКБ рабт дорад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки мушкилоти асосии рушди комплекси сайёҳӣ ва рекреатсионӣ дар ВМКБ ин проблемаи мавсимноки дар туризм мебошад, ки ба сохтори шуғли кормандони соҳаи туризм таъсир мерасонад. Дар ин ҷо метавон душвориҳоро номбар кард, ки барои мушкилиҳои мавсимноки соҳаи туризм хосанд:

- шуғли нопурраи кормандони соҳаи сайёҳӣ;
- сатҳи пасти тахассусии кадрҳои соҳаи сайёҳӣ;
- ҳиссаи назарраси меҳнати занон.

Рушди устувори туризм дар ВМКБ метавонад барои ҳалли масъалаи шуғли аҳолӣ таъсири назаррас расонад. Идоракунии туризми экологӣ бояд муносибати инсонро бо муҳити табиӣ истифода аз захираҳои биологӣ, сохторҳои ғайритиҷоратӣ ба танзим дарорад, шароити фарогир ва функсионалӣ барои рекреатсияро ба манфиати экология фароҳам орад дар ҳоле, ки таъсири он ба муҳити табиӣ ба танзим дарорварда шавад.

Рушди устувори туризми экологӣ дар ҳоле ба миён меояд, агар сайёҳон ба минтақа ташриф оварда, ба ҷойҳои таърихӣ таваҷҷӯҳ менамоянд ва барои иштироки фаъоли аҳолии маҳаллӣ дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳаи сайёҳӣ шароит фароҳам оварда мешавад. Ҳамин тариқ аҳолӣ арзиши ҷойҳои зебои маҳаллиро дарк намуда, даромади ба даст овардашударо ба ҳифзи табиат, муҳити зист ва минтақаҳои табиии махсус ҳифзшавандаи ВМКБ ҳавасманд хоҳанд кард.

Дар шароити муосир, мушкилоти ҷаҳонии экологӣ ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи инсонӣ таъсир мерасонанд ва аз ин рӯ муносибати комплексӣ ва омӯзиши ҳамаҷонибаро талаб мекунанд. Дар айни замон, зарурати исботи фаврӣ, миқёс ва ба ин васила хатари вазъи кунунии экологии ҷаҳон вуҷуд надорад. Туризми экологӣ дар ҳалли мушкилоти экологӣ нақши муҳим дорад. Дар саноати сайёҳии кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон ва махусусан мамалоикҳои дар ҳоли рушд қарордошта, туризми экологӣ на танҳо ҳамчун воситаи ҳиф зи муҳити зист, балки ҳамчун воситаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ нақши торафт муҳимро ба худ касб кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварест, ки муносибати худро нисбат ба соҳаи туризми экологӣ ҳанӯз пурра ташаккул надодаст. Шояд ин аз номуайянӣ ва номувофиқии худи ин падида бошад, зеро аз як тараф, экотуризм имкон медиҳад, ки барои чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ва афзоиши шуғли аҳолӣ маблағ ҷудо карда шавад, аз тарафи дигар, шумораи торафт зиёди сайёҳонро ҷалб кардан, назорати фишорҳои манфӣ ба экосистемаҳои кӯҳӣ мушкилтар мешавад.

Дар моҳи майи соли 2004 ба истифода дода шудани роҳи автомобилгарди Мурғоб-Кулма-Қарақорум, ки Тоҷикистонро бо Чин мепайвандад, як рӯйдоди таърихӣ дар рушди кишвар буд. Ин ба рушди иқтисодиӣ ВМКБ таъсири мусбӣ расонда боиси он гардид, ки Тоҷикистон ба шабакаи Роҳи бузурги туристии абрешим шомил гардид.

Дар давраи ҳозира ВМКБ барои сайёҳони хориҷӣ дарҳои худро боз намуд ва барои рушди устувори туризми экологӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст. Таҷрибаи рушди сайёҳии кишварҳои ҳамсоя нишон медиҳад, ки бо гардиши зиёди сайёҳон ва истифодаи оқилонаи захираҳои туристӣ, рушди иқтисодиёти минтақа ва баланд гаштани некӯаҳволии мардуми маҳаллӣ мусоидат менамояд. Сайёҳон олимон, муҳандисон, меъморон, сиёсатмадорон, кормандони соҳаи тандурустӣ ва одамони ихтисосҳои дигар мебошанд. Бисёр ҳолатҳое шудаанд, ки дар натиҷаи туризм бисёр лоиҳаҳо шарикони худро пайдо карданд, объектҳо сарпарастони худро пайдо карданд ва минтақа дар арсаи байналмилалӣ симои худро пайдо кард.

Тавре дар боло қайд кардем, табиати Помир аз бисёр ҷиҳатҳо беназир аст. Дар ин ҷо бисёр мавзеҳо ҳастанд, ки то ин дам ягон инсон ба он ҷо пой нагузоштааст. Аз ин рӯ имрӯз тиҷорати сайёҳиро дар ВМКБ тавре ташкил кардан ва рушд додан зараур аст, ки он на фақат характери иқтисодӣ, балки экологӣ низ дошта бошад: ҳадалимкон гирифтани фоида аз экотуризм, ҳамзамон ҷилавгирӣ аз зарари дарозмуддат ба муҳити зист ва фарҳанги аҳолии маҳаллӣ. Бо вуҷуди ин то имрӯз бо сабаби як қатор ҳолатҳои объективӣ ва субъективӣ туризми экологӣ ба монанди дигар намудҳои туризм ба талаботи дар боло номбаршуда ҷавобгӯ буда наметавонад. Дар айни замон, дар қаламрави ВМКБ туризм ба таври стихияви рушд карда истодааст. Дар ин ҷо ин намуди фаъолият бидуни ба назар гирифтани оқибатҳои манфии фаъолияти экотуристӣ ҳамчун манбаи даромади иловагӣ ҳисобида мешавад. Ҳангоми истифодаи самараноки ҳудуди ВМКБ бо мақсади туризм, назар ба истифодаи ҳамин ҳудуд барои кишоварзӣ ё рушди саноат, даромади бештар маҳз аз туризм ба даст овардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки то имрӯз мушкилоти рушди экотуризм ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар минтақаҳои алоҳида он ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Сиёсат ва дигар равишҳои ягонаи ташкилӣ оид ба рушди ин соҳа ҳанӯз ба қадри кофӣ ташаккул наёфтаанд. Аз ин рӯ, дар амалияи ташкили фаъолияти экотуризм тафовутҳои калон мавҷуданд. Ин пурра ба қаламрави ВМКБ дахл дорад, ки дорои захираҳои бойи табиӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ мебошад. Дар ҷойҳои сайёҳати оммавӣ меҳмонхонаҳо, намудҳои иловагии хизматрасонӣ, муассисаҳои хӯрокӣ умум, намудҳои нақлиёт, ки барои саёҳатҳои экологии хушсифат заруранд, бояд ташкил карда шавад.

## ХУЛОСА

Рушди устувори минтақа ба консепсияи муосири рушди сайёҳии экологӣ вобаста буда, он тавассути нигоҳ доштани тавозун байни манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ ба даст оварда мешавад. Амалияи ҳаёти инсоният дар асрҳои XX-XXI гувоҳи он аст, ки хароб шудани генофонди табиат ва фарҳанги мардум метавонад ба таназзули ҳам табиат ва ҳам фарҳанг оварда расонад.

Дар шароити кунунӣ рушди мероси фарҳангӣ ва табиӣ омили муҳим на танҳо барои ҳифзи олами ҳайвонот, балки таъсири судманд ба рушди иқтисоди минтақа буда, бо ин ба муттаҳид шудани халқҳо, фарҳангҳо ва гурӯҳҳои мухталиф мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, рушди устувори туризми экологӣ

тавассути риояи бевоситаи мероси табиӣ ва фарҳангии халқҳо ва қавмҳои тамоми минтақа, вазифаи аввалиндараҷаи рушди сайёҳии экологӣ дар Помир ба ҳисоб меравад. [4-М].

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои амиқи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ба амал омаданд. Дар чунин шароит, ба рушди устувори экотуризм, диққати бештар дода шуда барои ҳалли эҳтиёҷоти гуногуни ҷамоаҳои маҳаллӣ ва рушди иқтисоди миллӣ ва манфиатҳои эҳтимолии ин фаъолиятҳо тавассути рушди устувори экотуризм, ки саҳми муҳим дар иқтисодиёти кишвар дорад, зарур аст [2-М].

Мо чунин мешуморем, ки барои рушди устувори фаъолияти экотуристӣ дар Помир, дар якҷоягӣ бо олимон ва шахсони манфиатдор стратегияи дарозмуддат таҳия карда шавад, то ки зарурияти ҳамкорӣ барои татбиқи бомуваффақияти ин стратегия кафолат дода шавад. Ин ба баланд гаштани фаҳмиши арзиши нотакрори табиати кӯҳистони тоҷик ҳамчун мероси бебаҳо мусоидат намуда барои наслҳои оянда бояд ҳифз карда шавад.

Табиати Помир, бинобар фарқияти ландшафтӣ ва баландии мутлақи ҳудуд ва иқлими хушкӣ континенталӣ доштанаш дорои гуногунии бойи биологӣ, хусусиятҳои иҷтимоию таърихӣ ва этнографӣ, барои рушди устувори соҳаи сайёҳӣ заминаи беназир дорад. Хусусияти хоси ташкили экотуризм дар ин минтақаи кӯҳӣ дар он аст, ки ландшафтҳои кӯҳӣ, махусусан дар қисмати Шарқии Помир, ки бо шароити номусоиди иқлимӣ фарқ мекунанд ва дорои инфрасохтори сусти сайёҳӣ ва дар баъзе ҷойҳо бо дастрасии номусоиди нақлиёт фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, барои рушди устувори туризми экологӣ дар чунин ҷойҳо тавсияҳо ва брошюраҳо оиди хатсайрҳои кӯтоҳмуддат нашр кардан лозим аст [3-М].

Бо назардошти беҳамтоии табиат ва таваҷҷӯҳи сайёҳон ба ин минтақа, ҳудуди ВМКБ ба 6 минтақаи экотуристӣ ҷудо карда шуд. Рушди устувори экотуризм дар ин ноҳияҳо метавонад соҳаи сердаромади иқтисодиёт гашта фурӯши маҳсулоти маҳаллӣ бошад барои ташкили ҷойҳои нави кори мусоидат менамояд. Бо вуҷуди таваҷҷӯҳи зиёди ҳукумат ва давлат ба ин соҳа, имрӯз танҳо дар соҳаи сайёҳӣ намояндагони тиҷорати хурд афзалият дорад. Монеаи асосии рушди туризм дар минтақа ин нарасидани мутахассисони баландихтисоси соҳаи сайёҳи мебошад [12-М].

Аз таҳлил намудани раванди ташаккул ва рушди туризми экологӣ дар Помир ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки кӯҳистони Тоҷикистон дорои захираҳои бой ва нодир буда дар қаламрави он ландшафтҳои табии ва мадани зиёд дорад, ки барои рушди экотуризм мусоиданд, лекин дар самти ташкили туризми экологӣ танҳо қадамҳои аввалин гузошта шуда истодааст.

Дар қаламрави ВМКБ мавҷуд будани экосистемаҳои кӯҳӣ ҳамчун намунаи мероси табиии ҷаҳон, минтақаҳои дастнорастаи биёбонҳои кӯҳӣ ва баландкӯҳ, пиряххои калонтарин, кӯлҳои кӯҳӣ, чашмаҳои шифобахши маъданӣ ва геотермалӣ, дарёҳои сершумори кӯҳӣ, ҳудудҳои муҳофизатшаванда, ҳамсарҳади ВМКБ бо Афғонистон, Чин ва Қирғизистон, шабакаи тараққикунандаи нақлиёт, фурудгоҳҳо, системаҳои коммуникатсионӣ, шабакаи васеи осорхонаҳои таърихи, этнографӣ, табиатшиносӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ, ёдгориҳои

меъморӣ ва дигар омилҳои ба ин монанд барои рушди сайёҳии экологӣ дар ВМКБ мусоиданд [11-М].

Сабаби асосии рушд додани экотуризм дар Помир дар он аст, ки ин намуди фаъолият на танҳо шакли фаъоли истироҳати дар табиат, балки як роҳи ба таври оммавӣ ошно намудани мардум бо арзишҳои мероси табиии фарҳангӣ, мушкилоти муносибати эҳтиромона ба он ва ҳифзи он барои имрӯзу фардо мебошад [4-М].

Дар ҷараёни таҳқиқот оид ба ташкили туризми экологӣ, инчунин мушкилоти зиёде муайян карда шуданд, ки ба рушди бомуваффақияти ин соҳа халал мерасонанд. Ҳар як минтақаи махсуси экотуритӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад: шароити экологӣ, ҷуғрофӣ, иқлимии минтақа, омилҳои баландӣ, мавҷудияти захираҳо, хусусиятҳои ҳувияти этникии гурӯҳҳои алоҳида ва сатҳи фаъолияти соҳибкории аҳолӣ ва ғайра. [12-М].

Ҳамин тариқ, мо ба хулоса омадем, ки дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон рушди додани экотуризм хусусияти вижаи ҳудуди доранд. Таҷрибаи ҷамъшудаи ташкили экотуризм дар Помир ва дурнамои рушди он бояд ба таври илмӣ асоснок карда шаванд. Аз ин рӯ барои рушди бомуваффақияти экотуризм шаклҳои нави прогрессивии идоракунии соҳаро ҷорӣ кардан зарур аст, ки он бояд аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда буда, системаи танзим ва баҳодиҳии иқтидори туристии минтақаҳои алоҳидаи кӯҳии ҷумҳурӣ асос ёбад. Маҷмӯи принсипҳои оптималӣ барои истифодаи ҳар як минтақаи экологии мушаххас заруранд, ки таъсири экотуризмро ба муҳити табиӣ ва маданӣ дуруст пешгӯӣ кунанд ва оқибатҳое, ки онҳо метавонанд ба вуҷуд оранд.

**Тавсияҳо оид ба истифодабарии амалии натиҷаҳо**

Ҷамъбасти маълумотҳои назариявӣ ва таҳлили проблемаи рушди экотуризм дар қаламрави ВМКБ имкон дод, ки барои илм ва таҷрибаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ хулосаҳо ва тавсияҳои зерин бароварда шаванд.

1. Дар айни замон, маҳдудиятҳо барои воридшавии сайёҳони хориҷи ба қаламрави ВМКБ бардошта шуда, роҳҳои нав сохта шуда, роҳҳои кӯҳна аз нав таҷдид карда шуда истодаанд. Марзҳои давлатӣ бо Чин ва Афғонистон барои рушди соҳаи сайёҳӣ кушода шудаанд. Барои минтақа экотуризм ҳамчун самти умедбахши соҳаи сайёҳӣ, манбаи содироти маҳсулоти туристӣ, афзоиши шуғл ва даромади асъор дар асоси истифодаи зарфияти муайяни шароити табиӣ ва рекреатсионӣ заминаҳои объективӣ ба вуҷуд овард.

2. Омили маҳдудкунандаи рушди экотуризм дар Помир ин тараққи накардани инфрасохтори сайёҳӣ, набудани саноати муосири самараноки сайёҳӣ мебошад, ки барои шиносоии мардум бо табиат ва мероси фарҳангӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад ва бо ин васила то андозае қодир аст, ки масъалаҳои шуғлро ҳал кунад ва ба рушди иқтисоди кишвар таъсир расонад.

3. Барои ободонӣ, тавсеа, рушд ва истифодаи оқилонаи табиати Помир, мо ҳудуди минтақаро ба 6 ноҳияи экотуристӣ ҷудо намудем: Шимолӣ-Бадахшон;Ҷанубӣ Бадахшон; Марказиӣ Бадахшон; Вахону-Ишкошим, Помири Марказӣ; Помири Шарқӣ. Барои ҳар як минтақаи экотуризм, мо объектҳои табиӣ

ё антропогениро номбар кардем, ки дар оянда метавонанд дар фаъолияти экотуризм истифода шаванд [12-М].

4. ВМКБ дорои иқтидори назарраси аҳолии қобили меҳнат мебошад. Рушди устувори экотуризм метавонад омили коҳиши бекорӣ бошад. Ташаккули корхонаҳои хурду миёна-операторҳои туристӣ дар соҳаи экотуризм метавонанд механизми баланд бардоштани сатҳи шуғл бошанд.

5. Бузургтарин самараи иқтисодии рушди экотуризм тавассути таҷдиди меҳмонхонаҳои кӯҳна ва сохтани меҳмонхонаҳои нав (бо назардошти экология ва меъмории маҳаллӣ) ва ташкили моҳиронаи хидматҳо ба даст оварда мешавад. Таъсиси ассотсиатсияи корхонаҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо дар Помир омили ташаккули тиҷорати меҳмонхонавии мутамаддин хоҳад гашт.

6. Нақши экотуризм дар идоракунии муҳити зист ва дар маҷмӯъ дар иқтисодиёти ВМКБ гуногунсоҳа аст. Вобаста аз он, ки чӣ гуна тиҷорати экотуризм амалӣ карда мешавад, оқибатҳо ҳам мусбат ва ҳам манфӣ шуда метавонанд. Баланд бардоштани нақши экотуризм дар идоракунии устувори табиат ва иқтисодиёти кишвар дар оянда бо таҳия ва татбиқи стратегияи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи рушди сайёҳӣ дар минтақа алоқаманд аст. Равишҳо бояд фарогир бошанд, аз ҷумла ҷанбаҳои иҷтимоию фарҳангии рушд ва ҷойгиркунии он. Дар ин ҳолат на танҳо оқибатҳои иқтисодӣ, балки оқибатҳои геоэкологиро низ ба назар гирифтан лозим аст. Барои нигоҳ доштани тавозуни табиӣ ва экологӣ бояд механизмҳои иқтисодӣ истифода шаванд.

7. Тамоюли манфии рушди туризм, ин аз ҳад зиёди гаштани шикор дар Помири Шарқӣ мебошад, ки боиси якбора кам шудани бисёр намудҳои ҳайвоноти нодир ва нобудшаванда мегардад. Аз ин рӯ, зарурати қатъиян пурзӯр намудани қоидаҳои ташкили тиҷорати шикори ҳайвоноти ваҳшӣ, то пурра манъ кардани шикори баъзе намудҳо ба миён гузоштан зарур аст.

8. Барои рушди самаранокии соҳаи сайёҳӣ зарур аст, ки дар назди кумитаи рушди сайёҳии ВМКБ - маркази маркетинги, банақшагирӣ ва таблиғи экотуризм таъсис дода шавад. Вазифаи ин марказ аз он иборат аст, ки бояд пурсишҳо ва саволномаҳои мунтазамро дар байни сайёҳон гузаронда бо онҳо алоқа барқарор кунанд.

9. Барои мақомотҳои давлатии маҳаллӣ ва марказӣ таҳияи стратегияи ягонаи рушди экотуризм тавсия дода мешавад, ки барои ҷалби сайёҳон ва афзоиши сармоягузорӣ ба соҳа мусоидат менамояд.

10. Зарур аст, ки дар ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи ВМКБ бо назардошти ҳаҷм, хусусият ва анъанаҳои онҳо ба экотуризми маҳдуд ва танзимшаванда иҷозат дода шавад, ки ин эътибори онҳоро на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки берун аз ҳудуди он хеле баланд мебардорад ва бо ин васила ба таҳкими вазъи моддию техникии онҳо мусоидат менамояд. Чунин чорабиниҳо ба ҳавасмандгардони аҳолии маҳаллӣ барои ташкил намудани тиҷорати оилавӣ дар хонаҳои хусусии хеш барои қабули сайёҳон мусоидат менамоянд.

11. Дар системаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи умумии ҷумҳурӣ, ҷорӣ кардани фанни нав - "Экологияи фарҳанг"-и минтақаи мушаххас мувофиқи мақсад аст.

## III. ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА ДИССЕРТАТСИЯ

### Дар нашриёҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1-М]. Карамхудоев, Х.Е. Проблемы развития экотуризма на особо охраняемых природных территориях Таджикистана / Х.Е.Карамхудоев, Х.Сатторова, А.А.Мамадризохонов // Вестник ТГПУ им. С.Айни, №2(38). - Душанбе, 2011. - С.150-153.

[2-М]. Карамхудоев, Х.Е., Формирование и развитие туризма на основе использования природно-рекреационного потенциала горных регионов Таджикистана. // Х.Е.Карамхудоев/ Вестник Таджикского Национального Универсиета. №1(65) - Душанбе, 2011. - С.139-142

[3-М]. Карамхудоев, Х.Е., Экологический туризм как фактор приобщения людей к ценностям природного и культурного наследия. / Х.Е., Карамхудоев // Вестник ТТУ им.М.Осими, №1(13).Душанбе,2011.– С.99-103.

[4-М]. Карамхудоев Х.Е. Особенности развития экологического туризма на территории Таджикского национального парка /Х.Е.Карамхудоев, Б.И.Руштов// Известия Академии наук. Серия общественных наук. №4 (008). Душанбе, 2019 - С.31-36.

### Дар дигар маҷаллаҳо:

[5-М]. Карамхудоев, Х.Е. Степень утилизации горных экосистем для развития туризма / АА. Мамадризохонов., Х.Е. Карамхудоев М. Шодибек // Материалы международного симпозиума памяти «80 лет Германо-Российской и Памира-Алайской экспедиции». Душанбе, 2008. - С.97-98.

[6-М]. Карамхудоев, Х.Е., Эколого-экономические аспекты развития экотуризма на Памире. / Х.Е, Карамхудоев., Р.М. Назарбекова., А.А, Мамадризохонов // Материалы V-ой международной научно – практической конференции. «Перспективы применения инновационных технологий и усовершенствования технического образования в высших учебных заведениях стран СНГ». Ч 2, ТТУ им.М.Осими. Душанбе, 2011. -С. 375- 378.

[7-М]. Карамхудоев, Х.Е. Баъзе хусусиятҳои рушди экотуризм дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон /А.А.Мамадризохонов, Х.Е.Карамхудоев, Ш.Д.Гадоев, Р.М.Назарбекова // Маводхои конфронси байналмиллали «Мушкилоти экологӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ». Данғара, 2015 - С.109-111.

[8-М]. Карамхудоев, Х.Е. Баҳисобгирии захираҳои табии-сайёҳи ва нақши он дар рушди самараноки фаъолияти экотуристӣ / Х.Е. Карамхудоев Р.М.Назарбекова, А.А. Мамадризохонов // Маводхои конфронси байналмиллали «Мушкилоти экологӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ». Данғара, 2015 - С.106-109.

[9-М]. Карамхудоев Х.Е. Туризми экологӣ ва нақши он дар ҳифзи мувозинаи экологии табии кишвар / А.А.Мамадризохонов, Х.Е.Карамхудоев, Ш.Д.Гадоев, З.Р. Рақамова // Маводи конференсияи байналхалқии илмию назариявӣ дар

мавзӯи “Мушкилоти экологӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ” Данғара, 2015 – С.111-115.

[10-М]. Карамхудоев Х.Е. Оценка развития экологического туризма в условиях ГБАО. / Х.Е. Карамхудоев // Вестник Хорогского государственного университета. №2 (3) – Хорог,2015. - С.74-76.

[11-М]. Карамхудоев Х.Е. Масъалаи таъмини ҷобаҷокунии сайёҳон ҳангоми рушди самараноки экотуризм /А.А.Мамадризохнов, Р.М.Назарбекова, Х.Е. Карамхудоев, С.Х.Давлатбекова // Маводи конфренсияи илми амали дар мавзӯи «Муҳимияти рушди туризми дохили» ДДОТ ба номи С.Айни. Душанбе, 2017- С.30-35

[12-М]. Карамхудоев Х.Е. Экотуристические районирование территории Горно-Бадахшанской автономной области / Х.Е.Карамхудоев, Б.А.Алидодов // Научный журнал. Наука и инновация. ТНУ, №1 - Душанбе,2020 –С.71-76

## АННОТАЦИЯ

авторефераta диссертации Карамхудоева Халима Елчибековича на тему: «Геоэкологические условия и перспективы развития экологического туризма в горных регионах (на примере ГБАО Республики Таджикистан)», представленной на соискание ученой степени кандидата географических наук по специальности 25.00.36 – Геоэкология

*Ключевые слова:* Горно-Бадахшанская автономная область, достопримечательность, ресурсы, туристские объекты, экотуризм, экорайон.

Объект исследований: является экологический туризм в ГБАО Республики Таджикистан, где местность отличается уникальностью природных особенностей, большим разнообразием эколого-туристических ресурсов, в пределах которых необходим развивать туризм с учётом охраны природы и рационального использования природных ресурсов.

Целью диссертационного исследования является анализ состояния сферы туризма с позиции геоэкологии, экономики, социальной и культурно-исторической точек зрения и региональных особенностей для разработки перспектив дальнейшего развития экологического туризма в ГБАО Республики Таджикистан.

Задачи исследования: 1. Изучение и анализ теоретико-методологических основ развития эколого-туристских исследований в горных регионах; 2. Рассмотрение характеристики природно-климатических и исторических особенностей ГБАО в контексте развития экологического туризма; 3. Изучение социально – экономических факторов региона, влияющих на развитие экологического туризма; 4. Проведение анализа данных о водных биологических ресурсах и их использовании, а также оценка возможностей природоохранных территорий ГБАО в целях развития экологического туризма; 5. Разработка экотуристского районирования территории ГБАО и определение долгосрочной стратегии его развития;

Результаты исследования могут служить местными органами власти для реализации политики и рационального использования природных ресурсов, при подготовке концепций, планов и программ развития горных регионов в сфере природопользования и охраны окружающей среды, при разработке нормативных документов, регулирующих режим труда и отдыха в горных условиях, а также способствовать эффективному развитию экотуризма в ГБАО и определяют основу будущих научных исследований в области туризма и рекреации;

Практические рекомендации. Реализация результатов исследования заключается в том, что в целом диссертационная работа может послужить основой для составления инвестиционных проектов по устойчивому развитию экологического туризма в горных регионах Таджикистана. Полученные результаты исследования также могут быть использованы при преподавании дисциплин «Геоэкология», «Экологический туризм», «География Таджикистана», «География туризма» в ВУЗах республики.

## АННОТАТСИЯ

ба диссертатсияи Карамхудоев Халим Елчибекович дар мавзӯи "Шароити геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ (дар мисоли ВМКБ ҶТ)", ки барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 - геоэкология пешниҳод шудааст.

*Калимаҳои калидӣ:* Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ҷойҳои тамошобоб, захираҳо, ҷойҳои туристӣ, экотуризм, минтақаи эконоҳия.

Объекти тадқиқот: сайёҳии экологӣ дар ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ин минтақа бо хусусиятҳои хоси табиӣ, захираҳои гуногуни экологӣ ва туристӣ фарқ карда дар доираи он туризмро бо назардошти ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ зарур аст.

Мақсади таҳқиқоти мазкур, ин таҳлили вазъи соҳаи туризм аз нуқтаи назари геоэкология, иқтисоду иҷтимоиёт, фарҳангию таърихӣ ва хусусиятҳои минтақавӣ барои дурнамои рушди минбаъдаи туризми экологӣ дар ВМКБ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳадафҳои тадқиқот: 1. Омӯзиш ва таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии рушди туризми экологӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ; 2. Баррасии намудани хусусиятҳои иқлимӣ ва таърихии ВМКБ дар чорчубаи рушди сайёҳии экологӣ; 3. Омӯзиши омилҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа, ки ба рушди сайёҳии экологӣ таъсир мерасонанд; 4. Таҳлили маълумотҳо дар бораи захираҳои биологӣ, обӣ, инчунин баҳодиҳии имкониятҳои ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшавандаи ВМКБ барои рушди туризми экологӣ; 5. Ноҳиябандии экотуристии ҳудуди ВМКБ ва муайян намудани дурнамои рушди онҳо;

Натиҷаҳои таҳқиқот барои мақомоти маҳаллӣ оид ба татбиқи сиёсат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳангоми таҳияи консепсияҳо, нақшаҳо ва барномаҳои рушди минтақаҳои кӯҳӣ, дар соҳаи идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи кор ва истироҳат дар шароити кӯҳӣ, инчунин мусоидат ба рушди самараноки экотуризм дар ВМКБ ва муайян кардани заминаи таҳқиқотҳои ояндаи илмӣ дар соҳаи туризм ва рекреатсия хизмат намоянд;

Маслиҳатҳои амалӣ. Татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот дар он аст, ки дар маҷмӯъ, кори рисолаи номзадӣ метавонад барои таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ барои рушди устувори сайёҳии экологӣ дар ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистон асос шавад. Натиҷаҳои тадқиқоти бадастомада низ метавонанд дар таълими фанҳои "Геоэкология", "Туризми экологӣ", "Географияи Тоҷикистон", "Географияи туризм" дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ истифода шаванд.

**ANNOTATION**

of the dissertation of Kh.E. Karamkhudoev "Geoecological conditions and prospects for the development of ecological tourism in mountainous regions (on the example GBAO of Republic of Tajikistan)", submitted for the degree of candidate of geographical sciences, specialty 25.00.36 – Geoecology

**Key words**: Gorno-Badakhshan Autonomous Region, sightseeing, resources, tourist sites, ecotourism, eco-district.

The object of research: is ecological tourism in GBAO of the Republic of Tajikistan, where the area is distinguished by the uniqueness of natural features, a wide variety of ecological tourism resources, within which it is necessary to develop tourism, taking into account the protection of nature and the rational use of natural resources.

The purpose of the dissertation research is to analyze the state of the tourism sector from the standpoint of geoecology, economics, social and cultural-historical points of view and regional characteristics for the development of prospects for the further development of ecological tourism in GBAO of the Republic of Tajikistan.

Research objectives: 1. Study and analysis of the theoretical and methodological foundations of the development of ecological tourism research in mountainous regions; 2. Consideration of the characteristics of the climatic and historical features of GBAO in the context of the development of ecological tourism; 3. Study of the socio - economic factors of the region, influencing the development of ecological tourism; 4. Analyzing data on aquatic biological resources and their use, as well as assessing the possibilities of nature conservation areas in GBAO for the development of ecological tourism; 5. Development of ecotourism zoning of the GBAO territory and determination of a long-term strategy for its development;

*The results of the study can serve* as local authorities for the implementation of policies and the rational use of natural resources, in the preparation of concepts, plans and programs for the development of mountain regions in the field of nature management and environmental protection, in the development of regulatory documents regulating the mode of work and rest in mountain conditions, as well as contribute to the effective development of ecotourism in GBAO and determine the basis for future scientific research in the field of tourism and recreation;

Practical advice. The implementation of the research results lies in the fact that, in general, the dissertation work can serve as a basis for drawing up investment projects for the sustainable development of ecological tourism in the mountainous regions of Tajikistan. The results of the study can also be used in teaching the disciplines "Geoecology", "Ecological tourism", "Geography of Tajikistan", "Geography of tourism" in the universities of the republic.

Ба матбаа 25.08.2020 супорида шуд.
Ба чопаш 31.08.2020 имзо шуд.
Қоғази офсет. Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 3,75.
Супориши №152. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Душанбе, кӯчаи Лаҳутӣ, 2.